ИМСОЛ РАМАЗОН 29 РӮЗ АСТ?
с.2

РУСИЯ БА НИЗОМИЁНИ ТОҶИК НАФАҚА НАМЕДИҲАД
с.8

ОБ НЕСТ, КИ РӮЗААМОНРО КУШОЕМ!
с.6

ТОҶИКИСТОН

№15 (1526)
12.04.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



$10 МИЛЛИОН БА БАХШИ ХУСУСӢ

Аз куҷо меояду ба куҷо меравад?



В РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКУЮ IT-КОМПАНИЮ MATADOR ТРЕБУЕТСЯ МЕНЕДЖЕР ПО ПРОДАЖАМ

Требования:
- Опыт работы в продажах от 2-х лет;
- Навыки ведения переговоров, составления коммерческих предложений;
- Коммуникабельность, инициативность.

Условия работы:
- Комфортный офис в центре города;
- График работы 5/2 с 9.00 до 18.00;
- Официальное трудоустройство;
- Высокая заработная плата.

Резюме отправлять на **info@matador.tj.**

Matador

МЫ ИЩЕМ ТЕБЯ

ДАР ИН ШУМОРА:

АЗ ТАХМИН ТО ВОҚЕИЯТ
Пешгӯйии иқтисоди Тоҷикистон дар суҳбат бо Шариф Раҳимзода
с.7

МАСҶИДИ ҶАНҶОЛӢ
Аз таҳдиди Қодиров то дахолати шаҳрдор
с.4

WI-FI-И РОЙГОН
Чаро сокинони Душанбе ба он дастрасӣ надоранд?
с.5

ШИКАМБОРӢ Ё ШИКАСТАНАФСӢ
Фалсафаи рӯзадории тоҷикӣ
с.3

РӮЙХАТИ СИЁҲ
9 ҳазор нафар наметавонанд тарки Тоҷикистон кунанд
с.11

КАНЗИ ШИФО
Омили дарозумрӣ чист?
с.12

ВАРЗИШ
5 медали паҳлавонони тоҷик аз Ҷоми Осиё
с.10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

НАҚШАИ ДАҲРӮЗАИ ДАЪВАТ БА АРТИШ МУАЙЯН ШУД

Вазорати мудофиаи Тоҷикистон аз иҷрои даҳрӯзаи нақшаи даъвати баҳорӣ ба хизмати ҳарбӣ хабар дод.

Дар давоми 10 рӯзи ҷараёни ин маърака вилояти Хатлон 34%, Суғд 26%, ва НТҶ 57% ва шаҳри Душанбе 30% нақшаи даъватро иҷро кардаанд. Ноҳияҳои Вахш, Лахш, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Сангвор ва шаҳри Ваҳдат нақшаи даъватро 100% ба иҷро расонидаанд.

Қаблан хабар дода шуда буд, ки ВМКБ дар ҳамон рӯзи нахустини маърака 100% нақшаи даъватро иҷро кард.

«Умуман, аз якуми апрели соли равон даъвати баҳории шаҳрвандон ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ 40 фоизро дар бар мегирад”,- иттилоъ медиҳад вазорат.

Ёдовар мешавем, ки маъракаи даъвати баҳории шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ аз 1-уми апрел оғоз гардида, то 31-уми май идома меёбад. Дар ин навбат шаҳрвандони соли таваллудашон 1996-2005 даъват карда мешаванд.

БОХТАР: БЕШ АЗ 220 ТАШКИЛОТУ ИДОРА ДАР РӮЙХАТИ ҚАРЗДОРОН

Ҳоло қарзи аҳолӣ, идораҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар назди КДФ “Обу канализатсияи шаҳри Бохтар” ба ҳашт миллиону 630 ҳазор сомонӣ расидааст. Ба рӯйхати қарздорон беш аз 220 ташкилоту идораҳои гуногун ворид мешаванд.

Гулбарг Зайнуллоева, сармуҳосиби Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Бохтар дар суҳбат бо Pressa.tj гуфт, ки қарз то аввали моҳи апрели соли равон ҳисоб карда шудааст. Ӯ мегӯяд, ки хушбахтона, наздики 350 ҳазор сомонӣ қарзи ҳақи хизмати обрасонӣ тариқи ҳисоббаробаркунӣ кам карда шудааст.

“Ба чанд муассиса ва идораи бучавии ноҳияи Кӯшониён ҳам аз ҳисоби идораи мо хизмати обрасонӣ карда мешавад. Мутаассифона, қарзи онҳо ҳам каму беш 496 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин боз қисман ба сокинони ҷамоати деҳоти Ориён ва ҷамоати шаҳраки Бӯстонқалъа об дода мешавад, ки онҳо ҳам қарзи кам надоранд”,- афзуд ӯ.

ИДИ РАМАЗОН 21-УМИ АПРЕЛ ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?

Эҳтимол дорад, ки рӯзи ҷумъа, 21-уми апрел иди Рамазон таҷлил шавад. Зеро Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон гуфтааст, ки тибқи ҳисобҳои пешакӣ моҳи Рамазони имсола 29 рӯзро ташкил медиҳад.

Бояд гуфт, ки имсол моҳи Рамазон дар Тоҷикистон рӯзи 23-юми март оғоз гардид. Тибқи қарори Шӯрои уламо имсол фитри рӯза 7 сомонӣ, нисоби закот аз 32 ҳазор сомонӣ, ки аз ин маблағ 800 сомонӣ закот пардохт мешавад ва фидяи савм барои соҳибони узри шаръӣ ба миқдори 420 сомонӣ барои 30 рӯз муайян гардидааст.

Ҳамасола моҳи шарифи Рамазон 10 рӯз пештар аз соли гузашта фаро мерасад. Соли гузашта он даҳаи аввали моҳи апрел оғоз гардида буд.



Аъзам Аҳруллоев, соҳибкор

СОҲИБКОРИ СУҒД ДАР ХОРУҒ КОРХОНА СОХТ

Дар шаҳри Хоруғи ВМКБ нахустин корхонаи хурди истеҳсоли пойафзол ба фаъолият оғоз кард. Қабл аз оғози фаъолият 42 сокини маҳаллӣ истифодаи асбобу дастгоҳҳои пойафзолдӯзиро ёд гирифтаанд.

Соҳибкор аз шаҳри Хуҷанд Аъзам Аҳруллоев, ки корхонаи мазкурро таъсис додааст, изҳор дошт, ки «ҳоло аз ин 42 нафар 8 касро ба кор ҷалб намудем ва баъди пурра ба фаъолият шуруъ кардани корхона теъдоди коргарон низ зиёд мегарданд. Асбобу дастгоҳҳо, ки шумораашон аз 40 адад бештар аст, истеҳсоли Чин мебошанд».

Ин соҳибкори муваффақ сабаби таъсиси корхонаро дар шаҳри Хоруғ ба мавҷуд будани шумораи зиёди ҳайвоноти хурду калон дар ин минтақа ва вуҷуд надоштани корхонаи коркарди пӯст рабт дод. Айни ҳол маҳсулоти хом аз Туркия оварда мешавад.

САРИ САБЗ



Тағоймурод РОЗИҚОВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Ба умеди муаллимон намешудем, худамонро хурсанд мекардему ба калонсолон кордор набудем… Азбаски мерақсидему доира мезадему барнома месохтему шӯхӣ мекардему механдидем, мизҳои мактабамон мешикастанд.

- Оҳо, сирро фош кардед ку, устод! Агар ки мизҳои мактабро мешикастед, пас муаллимону калонсолон ҳам ба хурсандиву шӯхиҳои шумо кордор набудаанд-дия!



Сановбар ХОЛМАТОВА,
номзади илми филология

- Дар назари бисёриҳо мураттаб намудани фарҳангҳо гӯё кори мушкиле нест. Калимаро бармегузинӣ, бо забони дигар қиёс менамоӣ, аз забони гӯяндагон мисолҳо меорӣ ва фарҳанг омода мешавад.

- Дуруст аст иддаоятон, муаллима. Агар мураттаб кардани фарҳангҳо кори осон мебуд, имрӯзҳо дар кӯчаву хиёбонҳо бо лак-лак хатоҳои забонии овезаҳо вонамехӯрдем.



Камил НУРМАТОВ,
сароянда, варзишгар ва ихтироъкор

- Бисёранд ашхосе, ки таманнои ҳавоӣ доранд, вале системаи амалкардашон ба сифр баробар аст. Аз ин рӯ, моро мебояд то қадри тавонамон кӯшиш ба харҷ диҳем, зеро заҳмати шабонарӯзӣ моро ба маснади комёбиҳо садрнишин месозад.

- Орзу кардан зарар надорад. Боз, мегӯянд ку: “Нияти нек ними давлат”. Орзуҳои ҳавоӣ ҳам бошад, бигзор таманно кардан гиранд, шояд аз миёни ин бисёриҳо чанд нафар муваффақ шаванд.

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН МАБЛАҒГУЗОРИРО ДАР ҲАҶМИ ҲУДУДИ 113 МЛН СОМОНӢ (ЗИЁДА АЗ 10,3 МЛН ДОЛЛАР) БА БАРНОМАИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТӢ ВА РУШДИ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2023-2027 ПЕШБИНӢ КАРДААСТ. ИН МАБЛАҒҲО БА КУҶО РАВОНА МЕШАВАНД ВА ОНҲОРО КИҲО ДАРЁФТ МЕКУНАНД?



$10 МИЛЛИОН БА БАХШИ ХУСУСӢ

Аз куҷо меояду ба куҷо меравад?

Аз қабули Барнома то маблағгузорӣ

Ахиран вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ «Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»-ро баррасӣ карданд.

Барнома дар асоси муқаррароти «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» таҳия шуда, давоми татбиқи «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ барои солҳои 2012-2020» мебошад ва дар он сабақҳои андӯхта, пешниҳоду тадқиқоти коршиносону соҳибкорон ва таҷрибаҳои давлатҳои дигар дар ин самт истифода шудаанд.

Ҳадаф аз тасвиби Барномаи мазкур фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди бахши хусусӣ, рақобатпазир кардани ин соҳа ва фаъол сохтани сармоягузорӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Ба ин мақсад барои амалисозии ин Барнома Ҳукумати Тоҷикистон нақша дорад, ки давоми 5 соли оянда ҳудуди 113 млн сомонӣ (муодили $10,3 млн) маблағ равона кунад.

Аз ин маблағи ҷудошуда зиёда аз 19,1 млн сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, бештар аз 86,8 млн сомонӣ аз ҳисоби шарикони рушд ва 7 млн сомонӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, яъне соҳибкорони инфиродӣ ҷалб карда хоҳад шуд.

Дар назар аст, ки барои амалисозии нақшаи Барномаи мазкур дар се соли аввал ҳудуди 68 млн сомонӣ равона мегардад.

Бахши хусусӣ чист ва ба давлат чӣ даркор?

Бахши хусусӣ - ин соҳибкории инфиродие мебошад, ки зери назорати давлат қарора надошта, муассиси он шахси воқеӣ ё ҳуқуқии ғайридавлатӣ мебошад. Бахши хусусӣ аз хоҷагиҳо ва ширкатҳое иборат аст, ки ба сармояи хусусӣ тааллуқ доранд.

Таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки рушди онҳо аз бахши хусусӣ сарчашма мегирад. ММД ва МММ-и кишварҳои пешрафта аз ин бахш сахт вобастагӣ дорад. Сабаби он сабукиҳо ва имтиёзҳои пешниҳодкардаи давлат ба шаҳрвандон мебошад.

Рушди бахши хусусӣ - ин рушди ММД, заминаи баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон ва омили коҳиши камбағалӣ буда, боиси рушди дигар соҳаҳо мегардад. Масалан, барои рушди соҳаҳои туризм ва саноати кишоварзӣ, ки дар Тоҷикистон ояндадор маҳсуб меёбанд, нахуст рушди бахши хусусӣ на фақат зарур, балки ҳатмист.

Рушди бахши хусусӣ омили муҳими коҳиши муҳоҷирати корӣ низ ҳаст. Бо рушди ин соҳа ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд ва ба ин сабаб мардум бо ҷойи кори доимӣ таъмин мегарданд.

Аз вазифаҳои Барнома то мушкилоти соҳа

Барои амалӣ гаштани Барнома иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- амалисозии ислоҳоти институтсионалӣ барои беҳсозии фазои соҳибкорӣ;

- коҳиши мунтазами сарбории андоз барои бахши хусусӣ;

- ҷорисозии таҷрибаи байналмилалӣ дар бораи пурзӯр кардани идораи дастаҷамъӣ (корпоративӣ);

- ташкил ва рушди роҳҳои самарабахши ҷалби маблағҳо;

- таъсиси зерсохтори муосири дастгирии бахши хусусӣ;

- такмили қонунгузорӣ бо мақсади суръатбахшии рушди соҳибкорӣ;

- баландбардории қобилият ва малакаи касбии соҳибкорон;

- таъмини рақобати солим дар иқтисоди миллӣ;

- коҳиши шумораи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ барои пешбурди фаъолияти бахши хусусӣ;

- тақвияти мубориза бо фасод ва омилҳои пайдокунандаи он;

- соддагардонии расмиёти марбут ба пешниҳоди имтиёзу афзалиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ;

- такмили тартиботи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон;

- пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва ё ҷуброни фарқияти меъёрҳои фоизи бозории қарзҳои имтиёзноки ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- такмили роҳҳои марбут ба муфлис нашудан мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ;

- тақвияти назорати гумрукӣ ҳангоми воридот ва содироти молу маҳсулот;

- устуворсозии эътимоди аҳолӣ ба фондҳои суғурта, нафақа ва сармоягузорӣ;

- баландбардории сатҳи донишҳои иқтисодию молиявӣ ва ҳуқуқии соҳибкорони ватанӣ.

PRESSA.TJ

Мушкилӣ мураккабии расмиёт ва ҳуҷҷатгузорӣ мебошад. Як соҳибкор барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор ва бақайдгирӣ тақрибан 5-6 моҳ такудав мекунад.

Барнома барои бартарафсозии мушкилоти ҳалношудаи зерини соҳаи бахши хусусӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст:

- мавҷуд будани мураккабии маъмурикунонии андоз ва сарбории начандон баланди андозӣ назар ба давлатҳои минтақа барои фаъолияти соҳибкорӣ;

- начандон таъсирбахш будани тартиботи дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ;

- вуҷуд доштани монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ;

- мавҷуд будани назорату санҷишҳои барзиёди фаъолияти бахши хусусӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ;

- рушди нокифояи зерсохтори дастгирии давлатии субъектҳои бахши хусусӣ, аз ҷумла зерсохтори молиявӣ, таълимӣ ва машваратӣ;

- мураккаб будани бархӯрдорӣ ва баҳрамандгардӣ аз имтиёзу афзалиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ;

- сатҳи нокифояи ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла рушд наёфтани хидматрасониҳои электронии давлатӣ;

- меъёрҳои фоизии баланди қарзҳои бонкӣ ва рушди нокифояи бозори қарздиҳии дарозмуддат;

- мавҷуд набудани фондҳои давлатии қарздиҳӣ ва кафолатӣ;

- ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани тартиби ҳалли масъалаҳои муфлисшавӣ;

- сатҳи нокифояи донишҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорони ватанӣ.

Чанд мушкиле, ки роҳи ҳал мехоҳанд

Дар сурати дуруст истифода бурдани маблағҳои ҷудошаванда ва иҷрои вазифаҳои Барнома соҳаи бахши хусусӣ аз мушкилоти имрӯзаи худ комилан озод мегардад. Чунончи, имрӯзхо соҳибкорони зиёде аз тартиби мураккаби расмиёти ҳуччатҳо, андоз ва боҷи гумрукӣ, назорати бемавриди мақомоти дахлдор ва дигар мушкилот шикоят мекунанд.

Яке аз мушкилоти дигари рушди соҳа дуруст истифода бурда натавонистани қарзҳои бонкӣ аз тарафи соҳибкорон мебошад. Сабаби асосии ин муфлисшавӣ нокифоя будани донишҳои иқтисодии шаҳрвандон мебошад.

Мушкили дигари соҳа мураккабии расмиёт ва ҳуҷҷатгузорӣ мебошад. Як соҳибкор барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор ва бақайдгирӣ тақрибан 5-6 моҳ такудав мекунад.

Барои рафъи ин мушкилот давлат бояд чораҳои заруриро андешад.

Ба соҳибкор имконият дода шавад, ки дар муддати кам (масалан 1 ҳафта) барасмиятдарориро ба анҷом расонад. Барои соддагардонии расмиёт таъсиси ҳукумати элктронӣ нақши бориз мебозад.

(Давомаш дар саҳ.4)

Мавқеъ



Ҷаҳонгиршоҳ РУСТАМШОҲ,
журналист

ФАЛСАФАИ РӮЗАДОРИИ ТОҶИКӢ

Мехоҳам андешаҳои худро перомуни шеваи рӯзадории тоҷикӣ баён кунам. Наздики 30 сол мешавад, ки мо соле 1 моҳ рӯзадорем ва мушоҳидаҳои зиёде аз ин таҷриба андӯхтаем. Андешаҳои мо илмӣ набуда, назар ва мушоҳидаи шахсист ва шумо метавонед дар баъзе қисматҳо моро ислоҳ кунед.

Ростӣ, шахсе, ки рӯза мегирад, имону иродааш хеле қавӣ мебошад, зеро баъзе авқот то 17 соат худро аз хӯрдану нӯшидан бозмедорад. Ин кори осон нест ва ҳар кас ба ин кор қодир ҳам буда наметавонад. Аммо ин гурӯснагии рамазонии мо то кадом ҳад дуруст аст?

Аз кӯдакӣ волидайн вақти аусарӣ моро ташвиқ ба хӯрдани зиёди анвои хӯрок мекунанд ва ҳамеша таъкид менамоянд, ки "писарам, бисёр бихӯр, то гурӯсна намонӣ!". Мо бо ҳамин фалсафа шикамро пури пур мекардем ва то 1,5 - 2 литр обро ҳам менӯшидем, ки гурӯснаву ташна намонем.

Инчунин, дар вақти Рамазон волидайн он қадар кор кардаанамон ҳам намонда, мегуфтанд: "Бача рӯзадор аст, ғамаш надиҳед!". Рӯзи дароз истироҳат мекардему рӯзро бо хобу тамошои телевизион шом менамудем. Бонувони хона бошанд, аз нисфирӯзӣ дар фикри хӯроки шом меафтоданд ва кӯшиш менамуданд, ки ҳеҷ ҷойи дастархонро холӣ нагузоранд.

Ана акнун вақти рӯзакушоӣ мешуду мо чун гурги гурӯсна ба дастархон ҳуҷум мекардем. Ончунон мехӯрдем, ки меъдаамон дар ҳайрат мемонд. Ҳамагӣ чанд соат пас, аусарӣ боз ин корро дубора анҷом медодем, яъне ончунон мехӯрдем, ки қариб гурӯснагиро ҳис намекардем. Ҳоло ҳам аксарият чунин мекунанд.

- Мардак, Рамазон омад, тухму ҳасибу паниру гӯшту асалу мағзу мавиз бихар, то роҳат карда хӯрему гурӯсна намонем,- мегӯянд занҳо.

Яъне, ин моҳ ҳоло ҳам моҳи роҳат асту ҳеҷ мо гурӯснагии комилро ҳис намекунем.

3 сол пеш, ки Рамазон ба тобистон рост омада буд, дохили мошин кампире аз Кӯлоб то Ҳамадонӣ моро ҳамроҳӣ мекард. Ронанда аз кучо омада-нашро пурсид ва кампир ҷавоб дод:

(Давомаш дар саҳ.6)

▸▸ *Маскав*

МАСҶИДИ ҶАНҶОЛӢ

Аз таҳдиди Қодиров то дахолати шаҳрдор



Тарҳи сохтмони масҷиди нав дар наздикии Кӯли Муқаддас дар ноҳияи Косино-Ухтоми пойтахти Русия ҷанҷолӣ шуд. Мухолифон гуфтанд, бунёди ибодатгоҳи мусалмонҳоро дар маҳалле ба нақша гирифтаанд, ки барои пайравони мазҳаби православӣ бисёр азиз аст.

Рӯзи якшанбеи гузашта садҳо нафар дар наздикии Кӯли Муқаддас ба зидди сохтмони масҷид эътироз карданд.

Панҷ марди ниқобпӯш аз саҳнаҳои ҷанг низ ба мақомоти Маскав "паём" доданд. Яке аз сарбозон мансабдорони Русияро гунаҳкор кард, ки "хуҷҷатҳоро на бо назардошти имон ва манфиати мардум, балки бо андешаи ҷайбӣ худ" имзо мегузоранд.

"Мо наменомем, ки маҳзаби православӣ сарафканда шавад. Бародарону хоҳарон, бо шумо ҳастем",- афзуд ӯ.

Маргарита Симонян, сардабири оҷонсии давлатии "Russia Today" чанд сол пеш гуфта буд, ки "Русия русӣ бошад", на ин ки "мусулмонӣ шавад". Ҳамин раванд ё тамоюл дар саҳифаҳои сершумори "Телеграмм", ки бо пуштибонии мақомоти Русия фаъол ҳастанд, мушоҳида мешавад.

Сергей Собянин, шаҳрдори Маскав дар як навиштааш дар "Телеграмм" тасдиқ кард, ки тарҳи ибтидоии сохтмони масҷид ҳаст, вале ҳукумат ҳанӯз тасмиме нагирифта.

"Аз Патриарх Кирил ва раиси Идораи мусулмонони Русия Равил Ғайнутдин пешниҳод гирифтам. Ҳарду ба дарёфти ҷойи дигар барои сохтмон муроҷиат кардаанд",- навишт раиси шаҳр. Вай ҳамчунин овозаҳоро дар бораи гӯё 40 ҳазор метри мураббаъ будани масоҳати масҷид рад кард.

"Сухан дар бораи 2,5 ҳазор метри мураббаъ меравад",- гуфт ӯ ва афзуд, ки "бо назардошти мурочиатҳо, ҷойи масҷиди оянда тағйир дода мешавад. Дар наздикии истгоҳи метрои Косино қитъаи замин ҷудо мегардад".

Мақомоти пойтахти Русия ҳеҷ гоҳ ба эътирозҳо дар робита ба сохтмони масҷид ин қадар шитобкорона вокуниш накарда буданд. Ба назар мерасад, аз як сӯ эътирозу таҳдиди мухолифон ва аз тарафи дигар паёми ҷонибдорони бунёди масҷид ба ин кор сабаб шудааст.


Рамазон Қодиров, раиси ҷумҳури Чеченистон мухолифони сохтмони масҷидро "тарсу ва душманони Русия" номид ва пешниҳод кард, ки "мизони ватандӯстии худро дар майдони ҷанг бисанҷанд".

Маскав ягона ҷое нест, ки ба зидди бунёди масҷид эътироз мекунанд. Сокинони Қазон низ бо талаби ба ҷойи дигар кӯчонидани сохтмони масҷиди ҷомеъ имзо ҷамъ меоранд. Талаб доранд, ки замини масҷидро ба онҳо баргардонанд ва боқимондаи ҷангалро ҳифз кунанд.

Ба гуфтаи сархатиби масҷиди ҷомеи Маскав Илдар Аляутдинов, дар Маскав камаш ду миллион мусалмон кору зиндагӣ мекунанд, вале ба онҳо чаҳор масҷид рост меояд (ба ин муҳоҷирони мусулмон, ки ба гуфтааш, то 1,5 миллион нафарро ташкил медиҳанд, дохил нестанд).

Айни замон танҳо дар шаҳри Уфа, ки тақрибан 500 ҳазор православӣ ҳаст, 36 калисо (барои 13900 православӣ як калисо) ва дар Қазон, ки зиёда аз 600 ҳазор православӣ ҳаст, 47 калисо ва ибодатгоҳ сохтаанд.

▸▸ *Рӯзи кайҳоннавардон*



Зиёда аз 60 сол аст, ки номи Юрий Алексеевич Гагарин дар тамоми рӯи ҷаҳон ҳамчун якумин кайҳоннавард шинохта гардид. Маҳз рӯзи 12-уми апрели соли 1961 Юрий Алексеевич Гагарин бо киштии кайҳонии «Восток» сайёраи Заминро аз рӯи мадор давр зад ва бо ҳамин давраи кайҳоннавардии таърихи башарро боз намуд.

Бо рушду таҳкими минбаъдаи фаъолияти кайҳон башарият дарк намуд, ки санаи 12-уми апрел чӣ гуна такони ҷиддие баҳри тараққиёти тамаддуни умумибашар гузошт. Дар аввал ин рӯз ҳамчун оғози давраи кайҳоннавардӣ ба ҳамагон маълум аст, аммо 7-уми апрели соли 2011 дар маҷлиси умумии Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки ба ифтихори 50-умин солгарди аввалин парвози инсон ба кайҳон барпо гардид, 12-уми апрел ҳамчун Рӯзи байналмилалии парвози инсон ба кайҳон эълон гардид.

Ҳамзамон, Ассамблеяи Генералии СММ эътимоди амиқи худро "ба манфиати муштараки инсоният ба мусоидат ба омӯхтан ва истифодаи фазои кайҳон, ки мероси тамоми инсоният аст, ба мақсадҳои сулҳомез, васеъ кардани микёси ин фаъолият ва идома додани талошҳо барои таъмини он, ки ҳамаи давлатҳо метавонанд аз имтиёзҳои марбут ба ин бархӯрдор шаванд, эълон кард. Ин қатъномаи СММ мақоми ҷаҳонии умумибашарии ин ҳодисаро эътироф менамояд, ки ба парвози аввалини инсон ба фазои коинот алоқаманд аст. Маҳз аз ин рӯйдоди таърихӣ омӯхтани фаъоли кайҳон оғоз ёфт, ки натиҷаҳои онро тамоми ҷомеаи ҷаҳон истифода мебаранд.

Агар сухане дар бораи пайдоиши асри кайҳон биронем, хотиррасон кардан лозим аст, ки бисёр қуввахо ва захираҳо ба омӯхтани фазои кайҳон, сар додани нахустин моҳвораи сунъии Замин, омодагӣ ва татбиқи аввалин парвоз ба кайҳон барои таърихи тамаддуни башарӣ равона гардиданд. Ҳалли бомуваффақияти ин вазифаҳои минбаъдаи кайҳонӣ музаффарияти афкори эҷодкоронаи инсон, илм, технология, муҳандисӣ ва тамоми соҳаҳои марбут ба фаъолияти инсон мебошад. Аввалин кайҳонаварди Замин Юрий Гагарин ба кайҳон роҳ кушод, ки имрӯз барои бисёр парвозҳои кайҳонӣ саҳм гузоштааст ва шуури ҷаҳонбинии моро дар илм ва техника васеъ кардааст.

Имрӯз, ки 62-юмин солгарди ин рӯйдодро қайд менамоем, набояд аҳамияти он ва корнамоии Юрий Гагаринро фаромӯш кард. Ҳаёти моро дигар бе алоқаи мобилӣ, Интернет, телевизион ва радио, натиҷаҳои аз масофаи дур санҷидани Замин, воситаҳои ҷойгиршавӣ ва чизҳои дигар тасаввур кардан мумкин нест. Ҳамаи ин натиҷаи тадқиқоти бомуваффақияти кайҳон, тасдиқи шумораи зиёди илмӣ, кашфиётҳо, таҳияҳо, таҷрибаҳо, пешгӯиҳо ва ҳисобҳои назариявӣ далели ин гуфтаҳост.

Ф. Ҷ. РАҲМАТУЛЛОЕВА,
Институти астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

▸▸ *Афғонистон*

ҚАТЛИ ГЕНЕРАЛ АМИРӢ

Ҷабҳаи муқовимат талафоти калон дод



Акмал Амирӣ, фармондеҳи аршади Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон ва яке аз қумандонҳое, ки ошкоро низоми Толибонро танқид мекард, зимни як даргирӣ бо Толибон* дар Панҷшер ба ҳалокат расидааст.

Дар ин бора рӯзномаи "8-и субҳ" бо такя ба манобеи худ хабар медиҳад.

"Манобеи муътамад дар суҳбат бо рӯзномаи "8-субҳ" мегӯянд, ки Амирӣ шаби душанбеи 10-уми апрел дар ноҳияи Шатели Панҷшер ҳамроҳ бо чанд нафар афродаш кушта шудааст",- навиштааст рӯзнома.

Ба гуфтаи манбаъ, Толибон ба мавқеъҳои Ҷабҳаи муқовимати миллӣ дар вулусволии Саланги вилояти Парвон ҳамла кардаанд ва пас аз ин ҳамла Акмал Амирӣ ва зердастонаш аз куҳистон ба сӯи вулусволии Шатели Панҷшер ҳаракат мекарданд, ки ба камини Толибон дучор шудаанд.

Дар ҳамин ҳол, Абдулҳамид Хуросонӣ, волии Толибон дар Аҳмадободи Пактиё дар суҳбат бо рӯзномаи "8-и субҳ" гуфтааст, ки афроди ӯ Акмал Амирӣ ва ҳашт сарбозашро дар вулусволии Шател куштаанд. Ба гуфтаи ӯ, дар пайи ин даргирӣ чанд тан аз аъзои Акмал Амирӣ ба дасти Толибон асир афтодаанд.

Алим Майсам Назарӣ, сухангӯи Ҷабҳаи муқовимати миллӣ низ хабари кушта шудани Акмал Амириро тасдиқ карда, дар саҳифаи фейсбукии худ навишт, ки "мубориз ва қаҳрамони орзуи адолату озодии халқи мо, фармондеҳ Акмал Амирӣ ҳамроҳи ҳамсафонаш ҷоми шаҳодатро дар роҳи шаъну шараф ва озодии Ватан нӯшиданд".

Дар робита ба ин, Назарӣ ба мардуми кишвараш ҳамдардӣ баён карда, навиштааст, ки "ҳар қатраи хуни шаҳидони муқобилати халқи афғон ба решаҳои ҳаққонии талаби озодӣ, шаъну шараф ва адолат об дода, моро ба ғалаба наздик мекунад".

Акмал Амирӣ яке аз фармондеҳони неруҳои вижаи ҳукумати қаблии Афғонистон буд, ки пас аз суқути он ба Панҷшер рафт ва ба Ҷабҳаи муқовимати миллӣ пайваст.

▸▸ *Таассуф*

WI-FI-И РОЙГОНИ ДУШАНБЕ

Чаро мардум аз он истифода бурда наметавонанд?



Аз соли 2019 шаҳрдории Душанбе барои ройгон насб кардани Wi-fi дар боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ дар пойтахт қарор қабул карда буд. Вале ахиран сокинон мегӯянд, ки хизматрасонии ройгони интернет дар ҳеҷ ҷойи шаҳр дастрас нест.



Кӯшиши пайваст шудан ба Wi-Fi дар боғҳои пойтахт

Хизматрасонии Wi-fi-и ройгон мутобиқи дастури шаҳрдорӣ дар боғҳои "Куруши Кабир", "Боғи Ҷавонон", "Умари Хайём", "Боғи Рӯдакӣ" ба роҳ монда шудааст. Инчунин мусофирони автобусҳои шаҳр метавонанд аз интернети ройгони бемаҳдуд истифода баранд.

Дилшод донишҷӯйи донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон аст. Ӯ баъд аз анҷоми дарсҳо ба "Боғи Куруши Кабир"-и пойтахт омад ва ҳамзамон хост, ки аз Wi-fi-и ройгон истифода барад, вале мутаассифона он кор намекунад.

"Ҳар моҳ барои интернет ба телефонам маблағи муайян мегузаронидам, вале ин моҳ имкон наёфтам. Хостам аз интернети боғ истифода барам, вале он кор накард",- мегӯяд ӯ.

Мисли Дилшод ҳамарӯза садҳо донишҷӯён ё сокинон мехоҳанд, ки аз Wi-fi-и ройгон истифода баранд, вале дастрасӣ ба он ғайриимкон аст.

Дар боғи фарҳангӣ-фароғатии "Рӯдакӣ" ҳам бо ном интернети бемаҳдуд пайваст аст, вале дар амал он ҳам кор намекард.

Дар нақлиётҳои ҷамъиятии пойтахт низ соле пеш Wi-fi-и ройгон амал мекард, вале ҳоло он фаъол нест. Мо барои санҷиш аз нақлиёти мусофиркашонӣ, аз ҷумла автобус ва троллейбусҳо низ дидан намудем. Барои мисол дар хатсайри №8, ки қаблан интернет дастрас буд, ҳоло аз он дараке нест. Қаблан дар ин автобусу троллейбусҳо сокинон ва меҳмонони пойтахт аз Wi-fi-и ройгон то 20 дақиқа истифода бурда метавонистанд.

Дар истгоҳҳои пойтахт низ Wi-fi-и ройгон насб шудааст, вале мутаассифона он кор намекунад.

Муроди мо аз навиштани ин матлаб чист? Посух ёфтан ба ду савол: Шояд аз буҷети пойтахт барои Wi-fi маблағ ҷудо мешавад, вале он ба ҷойи лозима намерасад? Ё шаҳрдорӣ онро қатъ кардааст?

Уғулой ҚУТБИДДИНЗОДА

АВТОБУСИ ДУШАНБЕ - МАСКАВ БА РОҲ МЕБАРОЯД...

Ширкати «Asian Express»-и Тоҷикистон равуои мунтазами автобусҳоро байни шаҳрҳои Душанбе ва Маскав барқарор намуд. Автобус тариқи ин хатсайр ҳафтае як маротиба рӯзҳои сешанбе соати 10:00 ба роҳ мебарояд. Соати 9:00 худро ба қайд гузоштан лозим аст.

Автобусҳо аз терминали байналмилалии мусофирбари «Asian Express» («Автовокзал») дар хиёбони Абӯалӣ ибни Сино, 110 ба роҳ мебароянд.

Масофаи хатсайри Душанбе - Маскав (то терминали "Котелники" дар вилояти Маскав, шаҳри Котелники) 3 ҳазору 900 километр ва вақт дар роҳ худуди 66 соату 30 дақиқа (қариб 3 шабонарӯз)-ро ташкил медиҳад. Роҳи бозгашт 70 соату 30 дақиқаро дар бар мегирад.

Хатсайрҳо бо автобуси тамғаи Mercedes MAN «Fortuna»-и Олмон иҷро карда мешаванд. Ҷойҳои нишаст дар онҳо барои 47 мусофир пешбинӣ шудааст. Автобусҳо бо биотуалет, яхдон, телевизор муҷаҳҳаз мебошанд. Дар сафар 8 истгоҳи муваққатӣ пешбинӣ шудааст.

Арзиши билет барои 1 нафар 1 ҳазору 200 сомонӣ ва барои кӯдакони синни аз 2 то 5-сола 600 сомониро ташкил дода, барои кӯдакони синни аз 2-сола поин бепул аст.



▸▸ *Огоҳонӣ*

ТЕЛЕФОНИ БОВАРӢ БАРОИ МУҲОҶИРОН



Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия оид ба муҳоҷират телефони боварӣ таъсис додааст.

Ин тадбир барои машварат ва роҳнамоӣ баҳри ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ, рафъи саривақтии он, қабули дархосту мурочиатҳо, расонидани ёрии ҳуқуқӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар қаламрави Федератсияи Русия роҳандозӣ гардидааст.

Гуфта мешавад, ки телефони боварӣ тибқи тартиби муайяншуда дар вақти корӣ аз соати 9:00 то 18:00 фаъол хоҳад буд ва ба дархостҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мутахассисони соҳа вобаста ба масъалаҳои ҳифзу ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, дарёфти ҷойи кори муносиб, баргардонидани музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ, шарҳи қонунгузории Федератсияи Русия ва ғайра посух медиҳанд.

Шаҳрвандон метавонанд ба рақамҳои дарҷгардида мурочиат намоянд:

1. Ҳавзаи федералии Марказӣ, ш. Москва: +7 (495) 967-98-44 ва шабакаи иҷтимоии "WhatsApp" +7 (999) 912-58-68.

2. Ҳавзаи федералии Урал, ш. Екатеринбург: +7 (982) 739-89-98.

3. Ҳавзаи федералии Приволжие, ш. Уфа: +7 (966) 031-22-22.

4. Ҳавзаи федералии Шимолу Ғарб, ш. Санкт-Петербург: +7 (977) 963-25-69.

5. Ҳавзаи федералии Ҷанубӣ, ш. Краснодар: +7 (996) 120-77-77.

6. Ҳавзаи федералии Шарқи Дур, ш. Хабаровск: +7 (909) 809-55-48.

▸▸ *Иқтисод*

$10 МИЛЛИОН БА БАХШИ ХУСУСӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Таъсиси ҳукумати электронӣ барои рушди бахши хусусӣ заминаи устуворро фароҳам оварда, кори тоҷирону соҳибкоронро садҳо маротиба осонтар мекунад. Бинобар ин, бояд давлат сараввал ҳукумати электрониро таъсис диҳад. Таъсиси ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон чанд монеае дорад, аз ҷумла, суръати сусти Интернет, камбуди тачҳизоти электронӣ, корношоямии онҳо, технологияи иттилоотиро надонистан ё дар сатҳи паст донистан ва ғайра.

Яке аз мушкилоти муҳими соҳа бовар накардани шаҳрвандон ба кушодани суратҳисоби бонкӣ аст. Яке аз омилҳои ин мушкилот тарси мардум аз он аст, ки маблағҳои онҳо дар бонк муддати дароз ҳифзу нигоҳдорӣ намешавад. Чанд сол пеш «Агроинвестбонк» ва "Тоҷиксодиротбонк» муфлис шуданд ва миллионҳо пули мардум то ҳол ногирифта боқӣ монд. Ин амал боиси он шуд, ки эътимоди мардум нисбати бонкҳои кишвар боз ҳам коста гардад. Барои рафъи мушкилоти мазкур ба давлат зарур аст, ки эътимоди мардумро ба даст оварда, донишҳои иқтисодии онҳоро баланд бардорад.

Омили дигар он аст, ки теъдоди зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон гароиши динӣ дошта, муомила бо бонкҳои дунявиро ҳаром ва ноҷоиз мешуморанд. Барои бартарафсозии ин мушкилот ҳукумат бояд дар баробари бонкҳои дунявӣ бонкҳо ва ташкилоти хурди қарздиҳии исломӣ низ таъсис намояд. Тачрибаи бонкҳои исломии ҷаҳон нишон медиҳад, ки ин гуна бонкҳо муфлис намешаванд. Азбаски бештари шаҳрвандони Тоҷикистон гароиши мазҳабӣ доранд, таъсиси чунин бонкҳо ба манфиати давлату миллат хоҳад буд.

Яке аз дигар мушкилоти соҳа фоизи баланди қарзҳо ва кам будани муҳлати қарздиҳист. Фоизи қарзии бонкҳои Тоҷикистон маъмулан ҳудуди аз 18 то 36%-ро ташкил мекунад. Агар шаҳрванд барои шуруи соҳибкорӣ 10 млн сомонӣ қарз гирад, 11-12 млн сомонӣ бояд пардохт кунад. Акнун худатон хулоса бароред, ки дар шароити имрӯза аз ин фоизҳо соҳибкор нагурезад, кӣ мегурезад!? Ба ғайр аз ин муҳлати қарздиҳӣ дар Тоҷикистон маъмулан то 3 солро ташкил медиҳад. Ақаллан бояд он то 5 сол дароз карда шавад.

Андозсупорӣ ва раванди он низ яке аз омилҳои боздошти рушди бахши хусусист. Ҳарчанд сабукиҳо ва имтиёзҳое дар ин самт ҷорӣ карда шуда бошанд ҳам, лекин, чӣ тавре ки ҳамагон шоҳид ҳастем, бахши хусусӣ рушд намекунад. Соҳибкорон аз баланд будани меъёрҳои андоз зиёд шикоят мекунанд, аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки дар ин самт ҷиддӣ чораандешӣ намояд. Ҳамчунин барои рафъи ин мушкилот хукумат бояд соҳибкореро, ки тоза ба соҳибкорӣ даст мезанад, то 3-4 сол аз андоз ва боҷи гумрукӣ тамоман озод гардонад.

Мушкилоти дигар назорату санҷишҳои бемавриди мақомоти дахлдор, бе асос талаб намудани пешпардохти андозҳо аз ҷониби мақомот, баланд будани ҷаримаҳои маъмурӣ арзёбӣ мегарданд. Бояд соҳибкор дахлнопазир буда, ҳуқуқҳои ӯ поймол нагардад.

Дигар мушкилӣ набудани бозори рақобати солим дар Тоҷикистон мебошад. Арзонӣ, фаровонӣ ва сифати маҳсулот аз рақобати солими бозор вобаста аст.

Аксаран соҳибкорон аз рафтори кормандони мақомоти андоз, талаботи Стандарти ягонаи давлатии хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, аз корҳои фаҳмондадиҳӣ даст кашидан, аз риоя накардани одоби хизматчии давлатӣ ва ба амалҳои коррупсионӣ даст задани кормандони мақомоти андоз норозигиҳо баён мекунанд.

Рушди бахши хусусӣ аз беқурбшавии асъор низ вобастагӣ дорад.

Миръатуллоҳ АТОӢ,
"Тоҷикистон"

Ба таваҷҷуҳи раиси “Барқи тоҷик” Маҳмадумар Асозода

Сокинони Некноти нав:

ОБ НЕСТ, КИ РЎЗААМОНРО КУШОЕМ!

Рӯзи 10-уми апрел ба идораи сомонаи Pressa.tj муроҷиати телефонии як гурӯҳ сокинони деҳаи Некноти нави ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент расид. Дар муроҷиат сокинон аз шабакаи барқи шаҳри Панҷакенту Истаравшан шикоят карданд.



Дастгоҳи обкашӣ, ки аз тарафи идораи барқ муҳр шудааст

Зимни шикояти онҳо маълум гардид, ки тӯли як ҳафта инҷониб дар деҳаи мазкур оби ошомиданӣ намерасад. Сокинон сабаби инро дар иҷозат надодани мақомоти дахлдор барои пайваст кардани дастгоҳи обкашӣ (насос) ба ҳисобкунакҳои барқӣ унвон карданд. Онҳо иброз доштанд, ки бояд ҳисобкунакҳои дастгоҳро канда таъмир кунанд. Барои ин иҷозати идораи Шабакаи барқи шаҳр лозим аст.

Сокинон дастгоҳи обкаширо худашон харидорӣ карда, насб кардаанд, вале онҳо иҷозат надоранд, ки муҳр (пломба)-ро канда, ҳисобкунаки насосро таъмир кунанд. Барои ин як ҳафта боз интизори иҷозати ниҳоди Шабакаҳои барқи Истаравшан ҳастанд. Онҳо ба Шабакаи барқи шаҳри Панчакент борҳо телефонӣ муроҷиат карда, дархост кардаанд, ки истифодаи дастгоҳро иҷозат диҳанд, вале кормандони идораи мазкур дар посух ба сокинон гуфтаанд, ки то аз ҷониби Шабакаи барқи шаҳри Истаравшан иҷозат дода нашавад, сокинон ҳаққи истифодабариро надоранд. Талоши сокинон барои дар тамос шудан бо Шабакаи барқи шаҳри Истаравшан низ натиҷа надодааст. Ёдовар мешавем, ки чанд сол пеш зеристгоҳи барқи Айнӣ ба Истаравшан кӯчонида шуд. Ба се шаҳру ноҳияи водии Зарафшон низ аз ҳамин зеристгоҳ барқ тақсим карда мешавад.

Сокинони ин деҳа умед доранд, ки мушкили онҳо бартараф хоҳад шуд ва онҳо моҳи шарифи Рамазонро бе оби ошомиданӣ пушти сар намекунанд.

М. АТОЙ

Нигаронӣ

ЧАРО ДАР ҶАШНҲО ШУКУҲЕ НЕСТ?

Солҳои қабл иду ҷашнҳо ва рӯзҳои касбӣ дар кишвар дар сатҳи басо хубу намоён таҷлил мегардиданд, вале имрӯз қариб ки бештари онҳо аҳамияти худро гум кардаанд…

Масалан 1-уми апрел - Рӯзи ханда. Қаблан, дар ин сана консертҳои ҳаҷвнигорон баргузор мешуд. Ҳоло чӣ? Маълум мешавад, ки фазои ҳаҷви тоҷик комилан холӣ аст. Ва ин сана шукуҳи қаблияшро аз даст додааст.

1-уми май - Рӯзи меҳнаткашон. Ин сана ҳам қаблан бо консерту чорабиниҳо ва сайри идона доир мегашт ва албатта рӯзи истироҳатӣ низ буд. Аммо баъди тағйироту иловаҳо дар рӯзҳои иду ҷашнҳо, минбаъд 1-уми май рӯзи корӣ эълон шуд ва ҳамин тавр Рӯзи меҳнаткашон аҳамияти худро гум карду имрӯз аз байн рафт гӯем ҳам, хато намекунем.

1-уми июн - Рӯзи кӯдакон. Бахшида ба ин сана, гарчанде истироҳатӣ ҳам набошад, консерту ҷамъомадҳо доир мегардид, ки хотири кӯдаконро шод мекард. Имрӯз бошад, аз онҳо асаре нест. Бархе муассисаҳо дили нохоҳам рӯякӣ қайдаш мекунанд.

31-уми май - Занги камолот. Чандин сол аст, ки чорабинии Занги охиринро манъ кардаанд. Ба ҷойи он, ки хатмкунандагонро бо як фараҳу шодӣ гусел кунанд, рӯзи Занги камолот санҷишу тафтиш ва ташрифи маорифу вазорат шуруъ мешавад.

24-уми ноябр дар Тоҷикистон рӯзи Парчами давлатист. Ин идро ҳам месазад бо рангинӣ гузаронд ва дар ин гуна ҷашнҳо бояд истироҳат дод. Лекин ман боре ҳам надидаам, ки Рӯзи Нишони миллиро ҷашн гирифта бошанд. Ва ё Суруди миллӣ чӣ?! Магар онҳо муқаддасот нестанд? Ё ин ки, кай боре ҳам санаи 31-уми декабр - мавлуди аллома Бобоҷон Ғафуровро қайд карда бошанд?!

Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ, донишҷӯйи факултаи журналистикаи ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода

Чакидаҳо

КӮТОҲТАРИН ҲИКОЯҲОИ ҶАҲОН

ТАРҶУМАИ ҲОЛ

Пештар рӯям суфта ва либосҳоям ғиҷим буд. Ҳозир... баръакс.

УМЕД

“... Мо дигар ҳеҷ вақт дидор намебинем! Дигар ҳеҷ гоҳ вонамехӯрем! Дигар ҳеҷ гоҳ чашм ба чашм намеафтем. То дидор...”.

ТАНҲОӢ

Охирин одами чаҳон дар хона танҳо менишаст. Дар тақтақ шуд...

ХОБГОҲ

Аз хобгоҳамон овози ду нафар ба гӯш мерасид. Ман дарро кӯфтам...

ГУНАҲГОР

Ӯ гунаҳгори ҳақиқӣ буд. Чунки аз яксаду бисту чор ҳазор навкар танҳо вай аз ҷанг сиҳату саломат ба Ватан баргашт.

Тарҷума ва таҳияи Фаридуни ФАРҲОДЗОД

Мавқеъ

ФАЛСАФАИ РӮЗАДОРИИ ТОҶИКӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

- Бачам, имсол Рамазон гарм ки буд, рафта як моҳ дар хонаи духтарам, дар Ховалинг истода, дар ҳавои салқин рӯзадорӣ кардам ва акнун ба хона меравам.

Ин аст фалсафаи рӯзадории мо!

Акнун чанд савол:

1. Оё мо ба он хотир рӯза намегирем, ки гурӯснагиву ташнагиро дар вуҷуди худ ҳис кунему ба қадри бенавоёну бечорагон бирасем?

2. Оё чунин шеваи рӯзадории мо дуруст аст?

3. Шарт аст, ки баъди хӯроки шом 3 соат пас (аусарӣ) боз хеста шиками худро пур кунем?

4. Барои шахси рӯзадор бояд шонс дода шавад, то кам кор кунаду ҳама ӯро эҳтиром намоянд?

5. Оё мо дар ин таҷрибаи рӯзадорӣ нафсро ғуломи худ кардаем ва ё ҳамоно ғуломи нафсем?


Мо, ростӣ, фалсафаи ин рӯзадориро нафаҳмидем. Ба назари мо аз ин моҳи муборак бояд шеваи идора кардани нафсро омӯзему шикастанафс бигардем. Инчунин, аз бандагии шикам озод шавем, зеро бузургтарин мушкилоти инсон ин аст.


Румии бузургвор ҳам ҷое чунин гуфта:

Модари бутҳо бути нафси шумост,
Зеро он бут мору ин бут аждаҳост.

Ин буд чанд андешаи мо дар асоси мушоҳидаи 30-солаи рӯзадории худ.

Масъулият





РОҲИ ДУШАНБЕ - ЧАНОҚ НИГОҲБОНИ БОЭЪТИМОД ДОРАД

Зимистони имсола барои ширкати IRS як санҷиши ҷиддӣ буд, ки роҳбарият ва кормандонаш сарбаландона гузаштанд.

Шояд баъзеҳо мепиндоштанд, ки масъулини ин ширкат вобаста ба боришот ва тармафароӣ муболиғаву воҳима мекунанд. Вале рӯзҳое, ки бориши барф пуршиддат буду тармафароӣ бениҳоят зиёд, мусофирону ронандагон воқеиятро бо чашми худ диданд. Шоҳид гардиданд, ки кормандони ширкат аз уҳдаи масъулияти доштаашон баромаданд. Роҳ таври мунтазам бо маводи зиддилағжиш коркард шуду техникаҳо мунтазам барфро тоза мекарданд. Дар он рӯзҳо ҳазорҳо тарма бетаъхир бартараф гардид. Ҳатто шабона кормандони IRS фаъолиятро қатъ накарданд ва ягона умед чароғҳои равшани техникаҳои пуриқтидори ширкат буд, ки ба маънои томаш ба дили ронандагону мусофирон шуълаи умед мекиштанд.

Чунин масъулиятшиносӣ буд, ки роҳи Душанбе - Чанок сарфи назар аз бориши пуршиддати барф ва тармафароии бениҳоят зиёд баста нашуд. Барои муқоиса, дигар роҳҳои мамлакат бо вуҷуди чандон шиддатнок набудани бориши барф ва набудани тармафароӣ дар рӯзҳои мавриди назар баста буданд. Мефаҳмам, ки нигоҳдории роҳ рисолату вазифаи кормандони IRS аст, вале эътироф бояд кард, ки аз уҳдаи иҷрои вазифа на ҳар кас баромада метавонад.

Замоне, ки IRS дар асоси шартномаи консесионӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳдории шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанокро ба уҳда гирифт, буданд нафароне, ки изҳори норозигӣ мекарданд. Албатта, ин як раванди табиӣ буд, зеро он вақт ҳанӯз моҳияти пулакӣ шудани роҳро мардум хуб дарк накарда буданд. Хушбахтона, ба шарофати меҳнати пурмаҳсул ва натиҷаҳои назаррас норозиён қариб аз байн рафтанд.

Муҳимтар аз ҳама, пулакӣ шудани роҳ роҳкироро на афзоиш, балки коҳиш дод. Бо роҳкирое, ки имрӯз ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сафар мекунед, пеш аз «пулакӣ» шудани роҳ сафар кардан ғайриимкон буд.

Роҳи мазкур баъд аз таҷдид мавриди истифода аст ва мусаллам аст, ки дар ин муддат он таъмирталаб шудааст. Аз ин рӯ, агар ширкат фаслҳои зимистону баҳор ба тоза кардани роҳ аз тармаву селовардаҳо машғул шавад, пас фасли гармо таъмири он масъалаи меҳварист.

Имрӯзҳо агар аз ин роҳ гузар намоед, дар ҳар қитъа кормандони IRS-ро машғули кор мебинед.

Ширкати зикршуда корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии худро дорад, ки фаъолияташон пурмаҳсул аст. Чунин тарзи корро дида, мардум боварӣ ҳосил намуданд, ки бе мавҷудияти IRS шоҳроҳи байналмилалии зикршуда кайҳо хароб мегардид.

Дар баробари тоза нигоҳ доштани роҳ филиали ширкат ҳамчунин нисбат ба автомобилҳои дар роҳ дармонда ва ба садама дучоршуда низ бетаваҷҷуҳ нест. Хусусан, ҳангоми ба садама дучор шудан бо истифода аз техникаҳои махсус ҳатман онро ба макони лозимӣ мерасонанд.

Суханони мазкур далели бебаҳси онанд аст, ки роҳи Душанбе - Чанок дар симои IRS нигоҳбони боэътимод дорад.

Каримҷон БОЗОРОВ, рононда

Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дар ютубканали Pressa.tj лоиҳаи ҷадидро таҳти унвони “Бо далел” ба роҳ монд. Меҳмони аввалини барнома собиқ раиси Бонки миллӣ ва вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва ҳоло директори Институти иқтисод ва демографияи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода буд. Суҳбати мо бо Шариф Раҳимзода атрофи ҳолати имрӯзаи иқтисоди кишвар, монеаҳо, низоми бонкдорӣ ва дигар масоили мубрам сурат гирифт.



АЗ ТАХМИН ТО ВОҚЕИЯТ

Пешгӯии иқтисоди Тоҷикистон дар суҳбат бо профессор Шариф Раҳимзода

Иқтисод ислоҳот мехоҳад

- Устод, имрӯзҳо машғули чӣ кор ҳастед?

- Се сол аст, ки ба сифати директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият дорам. Фаъолияти институт бештар ба тадқиқоти бунёдӣ дар самти иқтисодиёт равона шудааст. Олимони институт дар мавзуҳои муайян кор мекунанд ва натиҷаи тадқиқоташон ба сохторҳои давлатии кишвар барои омӯзишу амал фиристода мешавад. Банда ҳамчунин дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба донишҷӯён дарс мегӯям.

- Шумо қаблан дар блоки иқтисодии кишвар вазифаҳои калидиро ичро мекардед. Аз ҷумла, раиси Бонки миллӣ, вазири рушди иқтисод ва савдо будед. Аз нигоҳи шумо, имрӯз иқтисоди кишвар дар кадом ҳолат қарор дорад?

- Иқтисодиёти Тоҷикистон ҳам як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳон аст ва наметавонад дар алоҳидагӣ рушд кунад. Ҳар тағйироте, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон мешавад, хоҳ - нохоҳ ба Тоҷикистон низ таъсир мерасонад. Вале, хушбахтона, сиёсати Ҳукумати мамлакат таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин аст, ки мо бояд ҳамеша рушди иқтисодро таъмин намоем. Мисол, соли 2020 пандемия ба иқтисодиёти мо ҳам таъсири манфӣ расонд, вале камтар. Иқтисодиёти бисёре аз кишварҳо ба таври нишонрас поён рафт. Ҳамон вақт бисёриҳо пешниҳод карданд, ки дар кишвар карантини шадид ҷорӣ шавад, вале мо таҳлил карда, ба хулоса омадем, ки ин ба иқтисодиёт зарари ҷиддӣ мерасонад. Агар кор накунем, пас мо истеҳсол намекунем. Он гоҳ сатҳи истеҳсолот ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ поён меравад. Бинобар ин, соли 2020 ҳарчанд маҷбур шудем, ки бозорҳоро маҳкам кунем, ҳудуди фаъолияти баъзе муассисаҳоро маҳдуд намоем, аммо тавонистем, ки сатҳи рушди иқтисодиётро то 4,5 фоиз таъмин намоем. Соли 2021 бошад, рушди иқтисоди Тоҷикистон ба 9,2 фоиз расид. Ҳол он ки, ин дар сатҳи ҷаҳонӣ 2-3 фоиз бештар набуд. Соли 2022 бошад, ин нишондиҳанда 8 фоизро ташкил намуд.

- Шумо чӣ ислоҳотро дар иқтисоди мо дидан мехоҳед?

- Якум, мутобиқ кардани сохтори идоракунии иқтисодиёт ба ҳар тағйироте, ки дар он ба миён меояд. Агар мо мехоҳем як амали наверо анҷом диҳем, бояд сохторе бошад, ки онро ба роҳ монад ё тадбиқ кунад.

Дуюм, тағйирот дар муносибатҳои байналмилалӣ. Яъне, бо дигар шудани талаботи ҷаҳон фаъолияти худро дигар бояд кунем. Бубинед, намуди фаъолиятҳое ҳастанд, ки бо мурури замон аз байн мераванд. Бо пайдо шудани “QR код” ва ҳар гуна амалиёти рақамӣ, талабот ба хазиначӣ ва дигар намудҳои фаъолият камтар мешавад. Оҳиста-оҳиста бархе аз корҳои ҷисмонӣ аз байн мераванд. Бинобар ин, марказҳое лозиманд, ки одамонро омӯзанд, фаъолияти онҳоро ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонанд, вагарна мо қафо мемонем.

- Бонки Осиёии Рушд дар гузориши тозааш пешгӯӣ мекунад, ки соли оянда иқтисоди Тоҷикистон аз сатҳи 5,5% боло намеравад. Вале шумо хушбин ҳастед, ки рушди иқтисоди мо аз 8% бештар мешавад.

- Асосан, гузоришгарони ин бонк ба таҳримҳои Ғарб нисбат ба Русия такя мекунанд. Масалан, соли 2021 рушди иқтисодиёти моро Бонки умумиҷаҳонӣ дар сатҳи 3% ва Бонки Осиёии Рушд бошад, ҳамагӣ 2% пешгӯӣ карда буданд. Инҳо таҳримҳоро нисбат ба Русия ва таъсири онро ба иқтисоди Тоҷикистон асос мегиранд. Аммо дар асл, иқтисоди Тоҷикистон дар ин давра 8% боло рафт.

Дигар ин ки, иқтисоди мо чун пештара аз муҳоҷирони дар Русия буда вобаста нест. Аллакай шаҳрвандони мо рӯ ба кишварҳои Араб, Аврупо, Амрико, Кореяи Ҷанубӣ, Туркия ва ғайра оварда истодаанд. Бинобар ин, таъсири вазъи Русия ба иқтисоди Тоҷикистон амиқ буда наметавонад.

- Бо чӣ далел инро мегӯед?

- Чунки дар Тоҷикистон пайваста корхонаҳои нав пайдо шуда истодаанд. Инҳо ба истеҳсоли маҳсулот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ машғуланд, ки боиси беҳ шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад...

- Умуман, рушди иқтисоди Тоҷикистон ба чӣ вобаста аст?

- Пеш аз ҳама ба истеҳсолот. Иқтисодиёт ин хоҷагидорӣ аст. Мардумро ба коре, ки зиндагиашонро таъмин мекунад, сафарбар намудан лозим аст. Ва ин бо суръати зарурӣ ичро шуда истодааст.

PRESSA.TJ

Мо алҳамдулиллоҳ мусалмонем. Лекин дар масъалаи пул ҳама фаромӯш мекунанд. Мисол, як рӯз пеш аз Рамазон ва пас аз он ё ҳар гуна идҳо нархи маҳсулот ба маротиб боло меравад. Ҳол он ки, бештари онҳое, ки дар бозор нишастаанд, ҳоҷиҳо ҳастанд.

Аз вазъи андоз то сармоягузорӣ

- Шумо ва дигар коршиносони масоили иқтисодӣ борҳо аз баланд будани мизони андоз дар Тоҷикистон изҳори нигаронӣ кардаед. Далели ин қадар миёнашикан будани меъёри андоз дар Тоҷикистон чист?

- Пас аз қабули Кодекси нави андоз ба соҳибкорон то андозае сабукӣ дода шудааст. Зеро низоми маъмурикунонии андоз дигар шуд. Имрӯз андозсупоранда дар хона ё чойи кораш истода, имкон дорад, ки ҳисобот супорад. Ҳамчунин, ба қисми бештари андозсупорандагон имтиёз дода шудааст. Мо 170 000 хоҷагиҳои деҳқонӣ дорем, ки бароямон бисёр низоми содда ҷорӣ шудааст. Ё 105 000 нафар бо патент фаъолият доранд. Инҳо фақат охири сол ба мақомоти андоз декларатсия пешниҳод мекунанд. Аммо як нозукӣ низ дар инҷо вуҷуд дорад. Агар як нафар аз патент 300 сомонӣ супорад, аммо дар асл намедонад маблағи аслие, ки бояд супорад, чӣ қадар аст. Бинобар ин, ӯ доимо норозӣ мемонад. Ин ба маърифати молиявии мардум низ рабт дорад.

Масалан, дар мамлакатҳои Аврупо тамоми амалиёт ба қайд гирифта мешавад. Фаъолияти онҳо вобаста ба фоида андозбандӣ мешавад. Дар баробари ин, албатта андозҳое ба мисли аз ҷиҳозу моликият вуҷуд доранд, ки бидуни таъхир супорида мешаванд.

Боз дар кишварҳои дигар ҳисобдорӣ аст. Русҳо онро “бухгалтерский учёт” меноманд. Пеш мо ҳам онро доштем. Вақте ки хоҷагиҳоро ҷудо кардем, ҳама аз байн рафтанд. Хусусан, дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ касе парвое надошт. Ҳоло албатта он вуҷуд дорад, вале дар шумораи ками хоҷагиҳо, тахминан 9% . Ҳисобдорӣ бояд ҳатмӣ бошад ва мо бояд ба он баргардем. Ҳам аз нуқтаи назари давлатдории анъанавӣ ва ҳам шариат он ҳалолии кор ё фаъолиятро таъмин менамояд. Ҳар касе, ки фаъолият мекунад, бояд донад, ки чӣ қадар харҷ карду чӣ қадар фоида гирифт.

- Аммо мегӯянд, ки дар баъзе кишварҳои собиқ шӯравӣ ҳоло патент вуҷуд надорад...

- Бале. Баъзе кишварҳои собиқ шӯравӣ аллакай ба низоми Аврупо шомил шуданд. Мо ба Латвия, Литва сафар доштем. Мафҳуми патент вуҷуд надорад. Дар Аврупо ҳам чунин аст. Ҳар касе бо пул сарукор мегирад, бояд амалиётҳои он ба қайд гирифта шавад. Вобаста ба қайди саросарии амалиётҳо дар Аврупо имкони додану гирифтани пора хеле маҳдуд аст.

- Дар Тоҷикистон раванди барҳамхӯрии фаъолияти соҳибкориро бештар мушоҳида мекунем. Ҳатто бархе фаъолияти соҳибкориро дар давлатҳои ҳамсоя ва Русия давом медиҳанд. Чаро чунин аст? Магар онҳоро дар кишвар нигоҳ доштан мушкил аст?

- Сармоя мисли кабӯтар аст. Агар мехрубонӣ кунед, дар атрофатон чарх мезанад. Агар занед, онро дигар дар замин намебинед. Шаҳрҳое ҳастанд, ки майдонашон пур аз кабӯтар аст.

- Яъне сармоя бояд озод бошад?

- Албатта, он комилан озод буда наметавонад. Вақте ки сармоя аз хориҷ меояд, бояд донед, ки барои чӣ сарф мешавад. Агар бар зарари мо бошад, набояд он роҳ ёбад. Барои он ки чунин нашавад, назорат зарур аст. Вале шароите бояд сохт, ки ҳам ба манфиати мо бошад, ҳам сармоягузор розӣ шавад.

(Давомаш дар саҳ.8)



P.S Суҳбати мукаммали видеӣ бо Шариф Раҳимзодаро дар ютуб-канали Pressa.tj тамошо кунед.

АЗ ТАХМИН ТО ВОҚЕИЯТ

(Аввалаш дар саҳ.7)

“Гургҳо” дар дорухонаву бозор

- Дар мавриди иқтисоди пинҳонӣ ҳам зиёд мегӯянд. Тоҷикистон иқтисоди пинҳонӣ дорад?

- Албатта. Он ҳангоми ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба инобат гирифта мешавад. Як сабаби вуҷуд доштани он ҳатмӣ набудани ҳисобдорӣ аст. Мо алҳамдулиллоҳ мусалмонем. Лекин дар масъалаҳои алоқаманд ба фоида мусалмониамон таҳти савол мемонад. Мисол, як рӯз пеш аз Рамазон ва пас аз он ё ҳар гуна идҳо нархи маҳсулот ба маротиб боло меравад. Ҳол он ки, бештари онҳое, ки дар бозор нишастаанд, ҳоҷиҳо ҳастанд. Вақте ки масъалаи пулу даромад шуд, ислом як тараф мемонад.

- Барои чӣ чунин аст?

- Ҳоло сер накардаем. Чашмашон гурусна аст. Онҳое, ки дар бозор менишинанд, камбағал нестанд. Онҳо ба синфи миёна дохил мешаванд. Онҳо муаллими мактаби миёна нестанд, ки бо маош тоқат кунанд. Онҳо даромад доранд. Онҳо аллакай ба пулкоркунӣ одат кардаанд. Ҳам аз мағозаашон фоида мегиранд ва ҳам ягон сарчашмаи иловагии даромад доранд. Вале ҳамин ки фурсат ёфтанд, нархро мебардоранд. Аз ҳама даҳшатовартарин бардоштани нархҳо ин давраи пандемиябя буд. Бубинед, ҳамаи онҳое, ки дар дорухонаҳо кор мекунанд, мусалмонанд. Вақте ки коронавирус омад, якбора нархи доруворирo даҳчанд бардоштанд. Мисли гургҳо буданд, ки ба мардум чун ба гӯсфанд нигоҳ мекарданд. Магар ҳамин аст мусалмонӣ?

- Ба бисёр давлатҳо сафар доштед. Дар Аврупо низ фаъолияти дипломатӣ кардед. Магар ҳама ҷо чунин аст?

- Не. Шумо дар Русия чунин карда наметавонед. Агар дар Москва як дору харидан бошед, ба интернет медароед, номгӯи доруро менависед, аллакай пешниҳоди нархҳо мешавад. Дорухонаҳо нархҳоро бардошта наметавонанд, агар чунин аст, харидор дигар онҷо намеравад. Дар Аврупо низ айнан чунин ҳолат аст. Аммо дар мо чунин нест. Вақте ки вориди аптека мешавед, чӣ нархе гӯянд, мехаред. Яъне, шумо имкони интихоб надоред. Агар дар мо ҳам чунин низом ҷорӣ шавад, соҳибони аптекаҳо танҳо бо якдигар рақобат карда метавонанд.

- Шумо худ ба бозор меравед?

- Аслан, фарзандам ба хариди хона машғул аст. Аммо ҳамчун иқтисодчӣ барои шинос шудан ба вазъи воқеии бозор баъзан барои мушоҳида меравам. Бозорро чарх мезанам, бо фурӯшандаҳо суҳбат мекунам...

- Чӣ шуморо дар бозор нороҳат мекунад?

- Аввал, набудани ҳисобдорӣ. Мо ҳамаамон дар ҷайбамон кортҳои бонкӣ дорем. Аммо кортҳоро барои гирифани пули нақд истифода мебарем. Мо кассирҳои бонкро ба банкоматҳои бонк иваз кардем. Дар хориҷа аз банкоматҳо аз 20 евро зиёд намегиранд. Онҳо ҳеҷ гоҳ аз банкомат маош намегиранд. Дар ҳама гуна хизматрасонӣ кортро истифода мебаранд. Ҳамаи ин ба қайд гирифта мешавад. Аммо дар мо чунин нест.

Баъдан, фарҳанги муносибат. Бозор одамонро маҷбур мекунад, ки андак меҳрубон бошанд, то харидор нагурезад. Мо бояд оҳиста - оҳиста аз бозорҳои калон даст кашем. Бозор хоси кишварҳои қафомонда ва муваққатӣ аст. Бояд ба марказҳои хурду бузурги тиҷоратӣ гузарем. Вақте ки ба хариду фурӯши электронӣ мегузарем, мағозаҳои хурд ҳам аз байн мераванд.

Мусоҳиб
Усмон Раҳимзода

Дар шумораи оянда:

1. Дониши бонкирҳои оянда. Қаноатманд ҳастед?

2. Сатҳи корҳои илмӣ дар Шӯроҳои диссертатсионии равияи иқтисод.

3. Ислоҳот дар соҳаи маориф. Чаро муллоҳоро ҷалб созем?

Муҳоҷират

ПУТИН БЕКОР КАРД

Русия дигар ба низомиёни тоҷик нафақа намедиҳад



Президенти Русия Владимир Путин бо имзои бекор кардани ду созишнома таъмини нафақа ба низомиёни кишварҳои узви ИДМ-ро қатъ кард. Аз ин ба баъд хизматчиёни ҳарбии тоҷик наметавонанд бо гирифтани шаҳрвандии Русия нафақаи ин кишварро бигиранд.

Соли 1992 байни кишварҳои узви ИДМ дар бораи танзими таъминот бо нафақаи хидматчиёни ҳарбӣ 2 созишнома ба имзо расида буд: Созишнома дар бораи тартиби таъминот бо нафақаи хидматчиёни ҳарбии кишварҳои узви ИДМ ва Созишнома дар бораи тартиби таъминот бо нафақаи хидматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадии кишварҳои узви ИДМ.

Зери созишномаҳо Русия, Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Украина имзо гузоштанд.

Дар ассои ин созишнома тартиби пардохти нафақа ба хидматчиёни ҳарбӣ ба усули қаламрав асос меёфт. Ҳангоми кӯчбандӣ ба маҳали зисти доимӣ ба дигар кишвари ИДМ ба нафақагир аз рӯи қонунгузории кишвари иқомат нафақа таъин мешуд. Яъне хизматчиёни ҳарбии кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон метавонистанд баъди нафақа шаҳрвандии Русияро гирифта, бо тартиби ҳамон давлат нафақа гиранд.

Аз ин ба баъд дар ҳолати ба Русия кӯчидани хидматчиёни ҳарбии тоҷик онҳо нафақаи Русияро намегиранд, балки аз Тоҷикистон нафақа дарёфт хоҳанд кард. Гарчанде шаҳрванди Русия ҳам шаванд. Чунин тартиб дар асоси созишномаи дуҷонибаи байналмилалӣ дар соҳаи таъминот бо нафақа хоҳад буд.


Дар ҳамин ҳол, бекор шудани созишномаҳо ба ҳуқуқҳои нафақахӯрони ҳарбии амалкунанда, яъне ба касоне, ки аллакай нафақаашон таъин шудааст, дахл намекунад ва онҳо мисли тартиби пешина онро мегиранд.

Агар шумо хидматчии ҳарбии Русия бошеду ба дигар кишвари ИДМ рафтед, пас нафақаи шумо мутобиқи Муқаррарот дар бораи тартиби пардохти нафақаи суғуртавӣ ба шахсоне, ки барои иқомати доимӣ ба берун аз ҳудуди қаламрави Русия рафтаанд, пардохт мешавад.

Агар шумо хидматчии ҳарбии Тоҷикистон бошед, нафақаатон тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи таъмини нафақаи шахрвандони ҶТ” танзим шуда, лекин агар ба Русия кӯчед, пас пардохти нафақа аз ҷониби Тоҷикистон тибқи маблағи муқарраркардаи давлат идома меёбад.

Д. ҚОДИРПУР

Инфографика



Дар Тоҷикистон суръати интернети мобилӣ нисбат ба соли 2022 афзоиш ёфтааст – кишвар 6 зина боло рафта, дар ҷои 132-юм қарор гирифтааст.

Маълумот дар бораи суръати Интернети умумиҷаҳонӣ аз ҷониби “Global Network Speed Test Speedtest” таҳия шудааст.

Вале ҳанӯз ҳам нархи обуна ба интернети мобилӣ дар Тоҷикистон баландтарин дар минтақа аст.

Манбаъ: Speedtest Global Index

Дизайн: Умед Султонов

ҲАР НАФАС ДАРДИ «БУХОРО» МЕКАШАД

Алии Деҳбошӣ пули иртиботӣ миёни пайкари пора-пораи фарҳангу адаби се кишвари ҳамзабони Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон мебошад.



Бори дунё бар дилу дӯши Алист

Ҳафтае пеш, дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад як китоби тозанашри худро бо номи “Ин саҳар” ба банда тақдим кард. Ин китоб шеървораҳо ва 895 зарбулмасалу мақоли гирдовардаи нависандаро дар бар мегирад. Имрӯз китобро варақ мезадам ва дар сафҳаи ҳаштодуми он як рубоиро хондам, ки ба Алии Деҳбошӣ бахшида шудааст. Маълум нест, ки устод Абдулҳамид Самад ин рубоӣ, ё ба қавли худашон “шеървора”-ро кадом сол навиштаанд:

Бори дунё бар дилу
дӯши Алист,
Ҳарфи дунё дар сару
гӯши Алист.
Ҳар нафас дарди
“Бухоро” мекашад,
Ин “Бухоро” ҷону
ғамгӯши Алист.

Абдулҳамид Самад нахустин адиби тоҷик нест, ки дар васфу ситоиши Алии Деҳбошӣ шеър гуфта. Ду сол пеш, вақте куруно ба ин чеҳраи номошнои фарҳангу адаби Эрон сироят кард ва ӯ рӯи тахти бемористон бо ин вируси манҳус мубориза мебурд, Фирдавси Аъзам, шоири ҷавону тавонои тоҷик ин рубоиро барои Алии Деҳбошӣ навишта буд:

На мисли касе ки аз
дарахт уфтодаст,
На он ки аз остони
бахт уфтодаст.
Ин мард фақат
Алии Деҳбошӣ нест,
Эрони бузурге рӯи
тахт уфтодаст!

Гиромидошти шахсияти Алии Деҳбошӣ дар Тоҷикистон бо зикри корномаи ӯ дар ашъори шоирон ва осори адибони мо тамом намешавад. Ҳамин охири моҳи сентябри соли гузашта буд, ки расонаҳо хабар доданд Алии Деҳбошӣ, сардабири моҳномаи “Бухоро”, нависанда, адиб, рӯзноманигор, пажуҳишгари маъруфи эронӣ ва яке аз мубаллиғони фарҳангу адаби тоҷик дар ҷаҳони форсизабонон ба узвияти ифтихории Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст. Он вақт ин хабарро ба Алии Деҳбошӣ расонидам, ки боиси хушҳолӣ ва сипосгузории эшон аз лутфу ҳиммати масъулони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шуда буд.

Мубаллиғи фарҳангу адаби порсӣ

Дар бораи шахсият ва корҳои боарзише, ки Алии Деҳбошӣ барои пойдории фарҳангу адаби порсӣ анҷом медиҳанд, зиёд гуфтаанд ва навиштаанд.

Ду сол пеш, дар рӯзҳое, ки Алии Деҳбошӣ аз ибтило ба куруно ранҷ мебурд, Муҳаммадкозими Козимӣ, шоир ва пажуҳишгари аҳли Афғонистон навишта буд: “Баъзе одамҳо ба танҳоӣ кори як ниҳоди фарҳангиро мекунанд. Метавон онҳоро вазоратхонаҳои сайёр донист. Ва Алии Деҳбошӣ аз ин одамҳост. Касе ки чанд даҳаи мутаволӣ бо талошу ҳиммати таҳсинофарин ва ба шакли хастагинопазир барои донишу адаби ин ватани фарҳангӣ кор карда ва корномае шигифтангез бар ҷой ниҳодааст”.

Алии Деҳбоширо барҳақ яке аз чеҳраҳои мондагори фарҳанги муосири Эрон медонанд. Ӯ талоши густардае дар муаррифии осор ва зиндагии бузургони фарҳангу адаби порсӣ ва донишмандону андешамандони ҷаҳон барои мардуми ҳамфарҳангу ҳамзабони Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Ба гуфтаи Фирдавси Аъзам, Алии Деҳбошӣ “қатореро мемонад, ки ҳамеша дар ҳаракат аст. Ва ба дунболи решаҳост, решаҳои таърихӣ, решаҳои дирӯз, ки то пайвандашон диҳад ба имрӯзу фардо. Тамоми зиндагияшро сарфи коре кардааст, ки ба он самимона ишқ меварзад, яъне ҳифзи фарҳангу адаби форсӣ. Пас мешавад гуфт, ки нигаҳбони фарҳанг аст. Шуҳрати ӯ маҳдуд ба Эрон нест, фаротар аз марзҳои ҷуғрофист. Барои аҳолии адабу фарҳанги Тоҷикистон ҳам ному чеҳраи ошност“.

Ин шоири тоҷик "Шабҳои Бухоро" ва баргузории садҳо рӯйдоди илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ дар Теҳронро ҳосили талошҳои вазнину хастагинопазири устод Деҳбошӣ хонда...

Хушбахтона, ба бахти аҳли адабу фарҳанги форсизабонон Алии Деҳбошӣ аз чанголи вируси куруно раҳоӣ ёфт ва акнун ду Наврӯз мешавад, ки ба кори дӯстоштааш, яъне таҳия ва нашри моҳномаи “Бухоро” штам ва бо эшон барои як гузориши телевизионӣ гуфтугӯи кӯтоҳе ҳам анҷом дода будем.

Ҳамкорӣ бо “Бухоро”

Охири соли 2020 бояд дар бораи Маҳмуди Давлатободӣ, нависандаи барҷастаи эронӣ матлабе барои сойти форсии Би-би-сӣ менавиштам. Аз Мирзо Шакурзода, нависанда ва муҳаққиқи шинохташуда шунидам, ки нависандаи маъруф Абдулҳамид Самад аз алоқамандони осори Давлатободист ва ҳатто дар Эрон бо ин устураи зиндаи адабиёт дидоре дошта.



Алӣ Деҳбошӣ бо Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҶИ Эрон Низомиддин Зоҳидӣ

идома медиҳад.

Ошноӣ бо Деҳбошӣ ба шарофати “Бухоро”

Дар оғози даҳаи 2010 бо пешниҳоди дӯсти рӯзноманигор ва донишмандам Меҳдӣ Ҷомӣ фехристи беш аз 30 тан аз адибону пажуҳишгарони забону адаби тоҷик ва нишонии маҳали зисти онҳоро омода кардем. Алии Деҳбошӣ чанд сол бо харҷи худаш барои аҳли илму адаби тоҷик, ки мо ба эшон муаррифӣ карда будем, моҳномаи “Бухоро”-ро мефиристод. Аз рӯи шунидам, солиёни пеш устод Деҳбошӣ на танҳо ба тоҷикҳо, балки ба садҳо нафар аз порсизабонон дар саросари дунё ин моҳномаро ба сурати ройгон мефиристодааст! Офарин бар чунин ҳиммату саховат!

Баъдҳо нусхаи ПДФ-и моҳнома дар вебсойти он қобили дарёфт ва боргирӣ шуд ва ба ирсоли нусхаҳои коғазии “Бухоро” ба фарҳангиёни тоҷик зарурате боқӣ намонд.

Дар баҳори соли 2016 дар ҷашни Наврӯз дар Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе бо лутфи дӯсти азизи Тоҷикистон Ҳажири Теҳронӣ нахустин бор саодати дидор бо Алии Деҳбоширо доштам ва бо эшон барои як гузориши телевизионӣ гуфтугӯи кӯтоҳе ҳам анҷом дода будем.

Ҳамкорӣ бо “Бухоро”

Охири соли 2020 бояд дар бораи Маҳмуди Давлатободӣ, нависандаи барҷастаи эронӣ матлабе барои сойти форсии Би-би-сӣ менавиштам. Аз Мирзо Шакурзода, нависанда ва муҳаққиқи шинохташуда шунидам, ки нависандаи маъруф Абдулҳамид Самад аз алоқамандони осори Давлатободист ва ҳатто дар Эрон бо ин устураи зиндаи адабиёт дидоре дошта. Ба ин баҳона гуфтугӯи муфассали тасвирӣ бо Абдулҳамид Самад анҷом додам. Матлаби навиштаам дар вебсойти Би-бисӣ-и форсӣ ба нашр расид. Нусхаи навиштории мусоҳиба дар ду сафҳаи ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” низ чоп шуд, аммо комил не. Матни пурраи гуфтугӯро ба хати форсӣ баргардон карда ва ба Алии Деҳбошӣ фиристодам. Эшон аксҳои дидори Абдулҳамид Самад бо Маҳмуди Давлатободиро хостанд. Ва баъд аз чанд рӯз матни сафҳабандӣ шудаи гуфтугӯро дубора бароям фиристоданд, то як бори дигар онро бихонам ва агар иштибоҳе дар матн рафта, ислоҳ кунам... Хулоса, моҳи декабри соли 2020 гуфтугӯ бо Абдулҳамид Самад ҳамроҳ бо чанд акс таҳти унвони “Маҳмуди Давлатободӣ: кошифи тавонои олами пурасрори дили инсон” дар 17 сафҳаи шумораи 141-и моҳномаи “Бухоро” чоп шуд. Баъд аз чанд ҳафта ду нусха аз ин шумораи моҳнома ба ҳиммати Алии Деҳбошӣ ва кормандони Сафорати Тоҷикистон дар Эрон ба Душанбе расид, ки аз ин бобат ману устод Абдулҳамид Самад аз Алии Деҳбошӣ бисёр сипосгузорем.

Сиккаи нуқра ба Алӣ Деҳбошӣ

Ахиран аз Эрон хабар расид, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи имсол, дақиқтар агар бигӯям, 18-уми марти соли 2023 дар Сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон ба ифтихори пазириши Алии Деҳбошӣ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳфиле бо ҳузури доктор Низомиддин Зоҳидӣ, сафири Тоҷикистон дар Эрон, Алии Деҳбошӣ ва иддае аз дӯстдорони адабиёт баргузор шудааст.

Дар ин маросим ба Алии Деҳбошӣ лавҳи пазируфта шудани ӯ ба узвияти Иттифоқи нависандагон бо имзои Низом Қосим, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва як сиккаи нуқраи холис тақдим кардаанд. Ин сикка 31,1 грамм вазн дошта ва онро Бонки миллии Тоҷикистон интишор кардааст. Ҳамроҳ бо сикка гувоҳиномаи он ҳам ба оқои Деҳбошӣ тақдим шуда.

Шоми “Бухоро” ва «Тоҷикистон”

Ёд дорам, ки дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи соли 2016 бо ибтикори ҳафтаномаи “Тоҷикистон” ва сардабири он Шарифи Ҳамдампур дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба поси заҳмату талошҳои арзишманди Алии Деҳбошӣ дар густаришу таҳкими равобити адабӣ ва илмию фарҳангӣ миёни Эрону Тоҷикистон ва бузургдошти шахсияти ин марди бузург ва моҳномаи “Бухоро”-и ӯ ҳамоише баргузор шуда буд. Маҳфиле буд басо бошукуҳ ва пурмуҳтавою хотирмон!

Пули иртиботӣ миёни се кишвари ҳамзабон

Алии Деҳбошӣ воқеан пули иртиботӣ миёни пайкари пора-пораи фарҳангу адаби се кишвари ҳамзабони Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон мебошад. Бидуни шак, заҳамоти бедареғи ин марди фарҳангу адабпарвар сазовори ҷавоиз ва нишону унвонҳои муътабартаре дар Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон аст. Аз ин рӯ, меарзад барои бузургдошти шахсият ва талошҳои бедареғи Алии Деҳбошӣ дар роҳи посдории фарҳангу адаби муштараки мо иқдоме ҷадид ва ҷиддӣ анҷом шавад.

Умедворам масъулони арсаи илму фарҳангу адабиёти Тоҷикистон ин нуктаро ба ёд месупоранд ва ба қадри хидматҳои ин чеҳраи мондагор ва қосиди “Бухоро”, дӯсти асили Тоҷикистон ва мардуми тоҷик ба таври шоиста ва боиста мерасанд!

Сӯҳроби ЗИЁ,
журналист

ҶУДО

5 МЕДАЛИ ПАҲЛАВОНОНИ НАВРАСУ ҶАВОНИ ТОҶИК АЗ ҶОМИ ОСИЁ

Паҳлавонони наврасу ҷавони Тоҷикистон дар ҷоми ҷудои Осиё-2023 миёни наврасону кадетҳо 5 медал (1 тилло ва 4 биринҷӣ) ба даст оварданд. Медали тиллоро дар ин мусобиқа Иброҳимҷон Элмуродов дар вазни +100 кг байни ҷавонон ба даст овард.

Варзишгари дигари тоҷик байни ҷавонон Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода дар вазни -81 кг медали биринҷӣ ба даст овард. Се медали дигари биринҷиро аз байни наврасон Лоиқ Қутбиддинов дар вазни -55 кг, Ворис Назаров дар вазни -66 кг ва Аминҷон Абдуллозода дар вазни -73 кг ба даст оварданд. Варзишгарони моро дар ин сафар мураббиён Давид Габаидзе ва Абдулло Норов ҳамроҳӣ карданд.

Дар мусобиқа байни наврасон 381 варзишгар (239 писар, 142 духтар) аз 10 кишвар, байни ҷавонон 299 варзишгар (208 писар, 91 духтар) аз 10 кишвар иштирок доштанд.

Бояд тазаккур дод, ки иштирок дар мусобиқаи мазкур ва дигар мусобиқаҳои байналмилалӣ дар моҳҳои оянда марҳилаи омодагии дастаи наврасону ҷавононии кишвар ба Чемпионати ҷаҳон мебошад.

Ёдовар мешавем, ки баргузории Чемпионати ҷаҳон байни наврасон 23-26-уми август дар шаҳри Загреби Крувосӣ ва байни ҷавонон 4-7-уми октябр дар шаҳри Коимбраи Португалия ба нақша гирифта шудааст.



ФУТБОЛ

СУПЕРҶОМ БА ҲИСОР КӮЧИД, VAR БА МАЙДОН МЕОЯД

Бо қарори Бюрои Кумитаи иҷроияи Федератсияи футболи Тоҷикистон макони баргузории бозӣ барои Суперҷоми Тоҷикистон-2023 байни дастаҳои «Истиқлол»-и Душанбе ва «Равшан»-и Кӯлоб аз Хуҷанд ба Ҳисор иваз карда шуд.

Дали иваз кардани макони бозӣ барои Суперҷоми кишвар омода набудани чамани варзишгоҳи «20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон» гуфта мешавад. Варзишгоҳи марказии Ҳисор макони нави баргузории бозӣ интихоб шуд. Вохӯрӣ миёни бошгоҳҳои «Истиқлол»-и



Душанбе ва «Равшан»-и Кӯлоб рӯзи 6-уми май, соати 18:00 оғоз мешавад.

Қарор буд дар ҳамин бозӣ системаи кумакдовар (VAR) ба кор шуруъ кунад, аммо ба иттилои масъулини ФФТ ба дали таъхир дар интиқоли таҷҳизот ба таъхир афтод. Истеҳсолкунандаи таҷҳизот барои Тоҷикистон Slomo.tv аст, ки дорои гувоҳономаи FIFA мебошад.

Вақти пешбинишудаи ворид шудани таҷҳизоти системаи кумакдовар аввали моҳи май гуфта мешавад. Ба далели он ки Раёсати доварон ва нозирони Федератсияи футболи Тоҷикистон то ҳол санҷиши амалии доваронро дар мавриди истифодаи системаи кумакдовар анҷом надодааст, тибқи талаботи FIFA, истифодаи системаи VAR то нимаи дуюми чемпионат дар Тоҷикистон ба таъхир гузошта шуд.

ЛИГАИ ОЛӢ

ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЛИГАИ ОЛӢ ДИДАНӢ МЕШАВАД

Даври дуюм ва чанде аз бозиҳои даври сеюми Чемпионати футболи Тоҷикистон-2023 миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуданд.

Даври дуюм бо бозии дастаҳои «Кӯктош» ва «Ҳосилот» оғоз шуд. «Кӯктош», ки овоза буд аз сарпараст маҳрум шудааст, дар майдони хуб бо натиҷаи бузурги 0:3 аз «Ҳосилот» мағлуб шуд.

Сипас, «Эсхата» дар сафар «Хатлон»-ро шикаст дод ва ҷояшро дар садри ҷадвал маълум кард. Ба ду голи хуҷандиҳо бохтариҳо ҷавоб надоданд.

Ду бозии дигар мусовӣ ба охир расиданд. КМВА бо «Равшан» бе задани гол бозиро хотима доданд, аммо «Хуҷанд» ва

ПОЗ.	КОМАНДА	И	В	Н	П	ЗМ	ПМ	РМ	О
1	ИСТИКЛОЛ (ДУШАНБЕ)	2	2	0	0	6	1	+5	6
2	ЭСХАТА (ХУДЖАНД)	2	2	0	0	5	2	+3	6
3	ХОСИЛОТ (ФАРХОР)	3	1	2	0	5	2	+3	5
4	РЕГАР-ТАДАЗ (ТУРСУНЗАДЕ)	2	1	1	0	5	2	+3	4
5	ФАЙЗКАНД (ВОСЕ)	3	1	1	1	5	5	0	4
6	РАВШАН (КУЛЯБ)	2	1	1	0	3	1	+2	4
7	ЦСКА (ДУШАНБЕ)	3	0	2	1	2	3	-1	2
8	ХУДЖАНД (ХУДЖАНД)	2	0	1	1	2	6	-4	1
9	КУКТОШ (РУДАКИ)	3	0	0	3	2	8	-6	0
10	ХАТЛОН (БОХТАР)	2	0	0	2	0	5	-5	0



«Регар-ТадАЗ» бо натиҷаи 2:2 ҷамъбаст карданд.

«Истиқлол» дар як бозии мушкил бо ҳарифи сарсахте чун «Файзканд»-и Восеъ пирӯзии душворе ба даст овард. Дар аввали бозӣ «Файзканд» бо голи задаи Билол Сулаймонов ба пеш баромад, аммо «Истиқлол» дар идомаи қисми якум бо ду голи Манучеҳр Ҷалилов ҷавоб гардонд. Қисми дуюми бозӣ бидуни гол анҷом ёфт. Ин ҳам дар ҳоле, ки дар аввали ин қисм аз «Истиқлол» бозигар Седрик Гогуа бо гирифтани корти дуюми зард аз майдон ронда шуд.

Даври сеюм бо бозии дастаҳои «Ҳосилот» ва КМВА оғоз шуд. КМВА дуюм пайиҳам бозиашро мусовӣ, бидуни гол анҷом дод.

Дастаи «Файзканд»-и ноҳияи Восеъ дар бозии даври сеюм бар «Кӯктош» бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуда, аввалин ғалабаи худро дар мавсим ба даст овард.

РЕЗААХБОР

Лигаи футболи Тоҷикистон барои дастаҳои асосӣ ва эҳтиётии бошгоҳҳои Лигаи олӣ сарулибоси варзишӣ бо рангҳои анъанавии нишонҳои ҳар даста тақдим кард. Мачмуаи ҳар даста аз ду навъи либос, танпӯшҳои варзишӣ, пироҳанҳои махсус барои тамрин, болопӯшҳо, пойафзол, ҷузвдонҳои варзишӣ ва ғайра, ки истеҳсоли ширкати испании «Joma» аст, иборатанд. Ба ҳамаи бошгоҳҳои Лигаи олии Тоҷикистон тӯбҳои истеҳсоли ширкати «Molten» тақдим карда шуд.

***

Рейтинги навбатии дастаҳои футзали ҷаҳон нашр шуд. Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар ин рейтинг мавқеи худро нигоҳ дошт ва бо 996 имтиёз дар зинаи 50-ум аст. Дар байни дастаҳои осиёӣ Тоҷикистон дар зинаи 11-ум аст. Ба даҳгонаи дастаҳои беҳтарин Бразилия, Испания, Португалия, Русия, Аргентина, Эрон, Қазоқистон, Крувосӣ, Мағриб, Украина, Паргвой шомиланд.

***

FIFA рейтинги дастаҳои аъзояшро рӯзи 6-уми апрел нашр кард, ки дар он дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон як зина ба поён рафта, бо 1182 имтиёз дар зинаи 109 қарор дорад. Даҳгонаи аввалро дастаҳои мунтахаби Аргентина, Фаронса, Бразилия, Белжик, Англия, Нидерланд, Крувосӣ, Италия, Португалия ва Испания ташкил медиҳанд.

***

Президенти Федератсияи байналмилалии футбол (FIFA) Ҷанни Инфантино барои ширкат дар Конгресси Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) рӯзи 1-уми май ба Тоҷикистон меояд. Дар бораи ба кадом масъалаҳо бахшида шудани ҷаласа хабар дода нашудааст. Дар анҷумани қаблии Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ Рустами Эмомалӣ раиси Федератсияи футболи Тоҷикистон ва президенти нави CAFA интихоб шуда буд. Пас аз интихоби раҳбарияти нави Ассотсиатсия, қароргоҳи ин созмон аз Тошканд ба Душанбе кӯчонида шуд.



▸▸ *Монеа*

РӮЙХАТИ СИЁҲИ ҚАРЗДОРОН

Беш аз 9 ҳазор нафар тарки Тоҷикистон карда наметавонанд. Онҳо кистанд?



Дар Феҳристи ягонаи давлатии қарздорон 7,2 ҳазор нафар шахсони воқеӣ ва 203 шахси ҳуқуқӣ ворид шудаанд, ки тартиби пешбурди он бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар моҳи марти соли ҷорӣ тасдиқ шудааст. Ин нафарон то пардохти қарз тарки Тоҷикистон карда наметавонанд.

Дар ин бора зимни мизи мудаввари "Татбиқи Феҳристи ягонаи давлатии қарздорон ва мушкилоти он", ки бо иштироки намояндагони Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, сардори Раёсати Хадамоти ичрои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Барно Саидвализода хабар дод. Дар ин ҳамоиш намояндагони мақомоти судӣ ва прокуратура, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати адлия, Вазорати молия, Кумитаи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Бонки миллӣ, инчунин баъзе ташкилотҳои дигар иштирок доштанд.

Ин масъули давлатӣ таъкид намуд, ки нисбати беш аз 9,3 ҳазор қарздор маҳдудияти хориҷ шудан аз кишвар ҷорӣ гардидааст.

Тадбирҳои андешидашуда, ба гуфтаи Саидвализода, натичаи мусбат доданд: ҳудуди 2,2 ҳазор қарздор қарзҳои худро пардохт карданд, ки маблағи умумии онҳо 9,4 миллион сомониро (беш аз 862 ҳазор доллар) ташкил додааст.

Феҳристи ягонаи давлатии қарздорон бо қарори ҳукумат 2-юми марти соли равон тасдиқ карда шуд. Дар Феҳрист маълумот дар бораи қарздоране, ки тибқи қарорҳои суд бояд қарзро пардохт кунанд, вале бо гузашти се моҳи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд онҳо ба пардохти қарзи худ шуруъ накардаанд, зикр карда мешавад.

Дар рӯйхат маълумот дар бораи қарздорон - мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсоне, ки аз оғози давраи пардохти ҳатмӣ то 3 моҳ нагузаштаанд, ворид карда нашудааст.

Феҳрист дар шакли коғазӣ ва электронӣ пеш бурда мешавад. Шакли электронии Феҳрист дар вебсайти Хадамоти ичро ҷойгир карда шудааст.

▸▸ *Ҳукм*

ДАЪВАТ БА ИФРОТГАРОЙ

Руҳоние, ки рақсу сурудхониро дар тӯй манъ кард, 6 сол зиндонӣ шудааст


Абдулҳаннон Маннонов, руҳонии 51-солаи тоҷик, ки чанд моҳ пештар дар тӯйи бародарзодааш дар ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон монеи рақсу сурудхонӣ шуда буд, бо ҳукми Додгоҳи вилояти Хатлон 6 сол равонаи зиндон шудааст. Қаблан ӯ ба "даъват ба ифротгарой" муттаҳам мешуд.

"Озодӣ" хабар медиҳад, ки "ҳукм дар охири ҳафтаи гузашта эълон шуда, додрас ӯро ба даъват ба ифротгароӣ гунаҳкор кард".

Вакили дифои ин руҳонӣ Саидҷаббор Алиев эълони ҳукмро тасдиқ карда, аммо тафсилот надодааст.

Қаблан иттилоъ дода мешуд, ки бар зидди Абдулҳаннон Маннонов барои "даъват ба ифротгароӣ" парвандаи ҷиноятӣ боз шуда, барои муҳокима ба Додгоҳи вилояти Хатлон фиристода шудааст.

Ду манбаъ аз мақомоти тафтишотӣ гуфта буданд, ки "парвандаи руҳонӣ се моҳ боз тафтиш мешавад. Худаш дар боздоштгоҳи муваққатӣ аст".




Тафсилоти бештар дар хусуси иттиҳом ва раванди тафтишот ва назари наздикони руҳонӣ оид ба иттиҳом маълум набуд ва ҳамчунин маълум нест, ки чӣ гуна дар як муддати кӯтоҳ парвандаи ӯ баррасӣ шуда, худаш ҳукм гирифт.

Ёдовар мешавем, ки моҳи январи имсол дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе аз ҷараёни тӯй нашр шуд ва дар он дида мешуд, ки як марде бо қиёфаи руҳонӣ монеи рақсу сурудхонӣ гардида, меҳмононро меронад.

Навори дашном ба меҳмонон ва рондани мардум аз хона барои рақсу бозӣ хашми корбаронро барангехт. Бисёриҳо рафтори ӯро танқид карда, хостори таҳқиқи он аз ҷониби мақомоти зиддахл шуданд.

Вазорати корҳои дохилӣ наворро шарҳ дода, рӯзи 27-уми январ гуфт, ки руҳонӣ Абдулҳаннон Маннонов ҷашни арӯсии ҷиянашро дар ҷамоати Меҳнатободи ноҳияи Кушониён барҳам додааст.

Худи Маннонов дар навори мақомоти корҳои дохилӣ гуфт, ки аз асабоният чунин рафтор кард ва умед дорад, мардум ӯро мебахшанд.



Ҷиноят ва ҷазо

ЗАНРО СОБИҚ ШАВҲАР КУШТ, МАРДРО ДОДАРИ ЗАН

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон аз қатли зану шавҳари собиқ хабар дод. Ба иттилои манбаъ, ҳодиса санаи 6-уми апрели соли 2023 дар ноҳияи Балҷувон рух додааст.



Манбаъ иттилоъ медиҳад, ки "марди 39-солаи сокини ноҳияи Восеъ ба хонаи истиқоматии собиқ ҳамсараш, ҷавонзани 25-солаи сокини ноҳияи Балҷувон омада, хоҳиш менамояд, ки бо якдигар аз нав зиндагонии якҷояшонро давом диҳанд, аммо хоҳиши ӯро собиқ ҳамсараш рад менамояд, ки аз ин сабаб байни якдигарашон муноқиша сар зада, гумонбаршаванда қасдан бо корди хоҷагии дар дасташ буда ба узвҳои бадани собиқ ҳамсараш якчанд маротиба задааст".

Ин ҳодисаро бародари зан, ноболиғи 17-сола дида, бо ҳамон корд собиқ язнаашро чанд маротиба мезанад. Зан дар роҳ ва мард дар беморхона ба ҳалокат мерасанд.

Нисбати ноболиғи 17-сола бо моддаи 104, қисми 1 (одамкушӣ)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.

БЛОГЕРРО БАРОИ ҲАРОМ ГУФТАНИ ЙОГУРТ ҲАБС КАРДАНД



Дар Ӯзбекистон блогер Ҳоҷиакбар Носиров барои 15 рӯз боздошт шуд, ки йогуртҳои дорои ранги карминро «ҳаром» номид. Дар ин бора Сарраёсати ВКД Тошканд хабар додааст.

Носиров ҳафтаи гузашта дар бораи йогуртҳо навор тайёр кард. Вай дар он ба манбаъҳои интернетӣ истинод карда, чанд навъи йогурти аз фурӯшгоҳ харидашударо ба далели мавҷуд будани кармин «ҳаром» номидааст. Ӯ даъват кард, ки ин гуна йогуртҳоро истеъмол накунанд ва таркиби маҳсулотро тафтиш кунанд. Навор дар канали телеграмми ӯ нашр шудааст.

Пас аз он нисбати Носиров тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ӯзбекистон парвандаи ҷиноятӣ боз карда шуд.

СВКД Тошканд хабар дод, ки муаллифи ин навор маълумотро «бар асоси ақидаҳои шахсии мазҳабӣ, бидуни дарёфти назари коршиносони соҳаи дахлдор» пешниҳод кардааст.

ШАЪНИ ДУХТАРРО ПАСТ ЗАД ВА ДАСТГИР ШУД



Умедҷон Мирзоалиеви 19-сола аз рӯи навори дар интернет нашршуда, барои бадрафторӣ ва паст задани шаъну шарафи ҷавондухтаре дастгир шудааст.

Мақомоти корҳои дохилии шаҳри Душанбе мегӯяд, ки ҳодиса 8-уми апрел рух дода, ҷавондухтар дар мурочиати видеоӣ аз мақомот дархости чорачӯӣ ба масъалаи мазкур мекунад.

Манбаъ иттилоъ медиҳад, ки "дастгиршуда Мирзоалиев Умедҷон зимни пурсиш худро гунаҳгор ҳисобида, иброз намуд, ки дар ҳақиқат нисбати ҷавондухтари мурочиаткунанда бе ягон сабаб бадрафторӣ намуда, шаъну шарафи ӯро паст задааст".

Гуфта мешавад, ки "нисбати ҷавон маводҳои зарурӣ тартиб дода ва бо мақсади андешидани чораҳои дахлдори қонунӣ ба суд ирсол карда шудааст".



СОЛИМИИ МЕЪДАЮ РӮДА

- омили асосии дарозумрӣ

Ба гуфти мутахассисон, дарозумрии инсон ба солимии меъдаю рӯда вобаста аст.

Олимон, ки даҳсолаҳо дар ҷустуҷӯи роҳҳои баргардонидани раванди пиршавӣ буданд, беш аз пеш боварӣ доранд, ки тарзи зиндагӣ омили асосии дарозумрӣ аст.

Новобаста аз он, ки чӣ қадар ачиб садо медиҳад, нигоҳубини рӯдаҳо дар ин кор нақши муҳим мебозад. Маҳз ин узв ба мо дар мубориза бо микробҳои сершумори беморие, ки ҳар рӯз ба организми мо ҳамла мекунанд, кумак мерасонад.

Микробиомаи рӯда пеш аз таваллуд ташаккул меёбад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми пиршавӣ гуногунии микробҳо дар рӯда коҳиш меёбад. Ва баръакс, гуногунии микробҳое, ки дар микрофлораи рӯда зиндагӣ мекунанд, омили асосии дарозумрӣ ва пиршавии солим мебошанд.

Роҳи осонтарини дастгирии микробиома - хӯрдани он чизе, ки ба ӯ писанд аст. Олимон се гурӯҳи маҳсулотро ҷудо мекунанд:

САБЗАВОТ. Махсусан, кабудиҳо: ҳама намуди салат, петрушка, карам ва ғайра. Онҳо дорои витаминҳои муайян мебошанд, ки ба афзоиши бактерияҳои солими рӯда мусоидат мекунанд.

МАҲСУЛОТИ ФЕРМЕНТШУДА. Хӯриш аз карам, занбурӯғи чой, кефир, йогурт - ҳамаи онҳо барои паст кардани сатҳи илтиҳоб дар организм ва нигоҳ доштани микрофлораи солим кумак мекунанд.

ПРЕБИОТИКҲО. Маҳсулоти аз пребиотикҳо бой барои афзоиши шумораи бактерияҳо дар рӯдаҳо кумак карда, ба микробиома таъсири судманд мерасонанд. Инҳо маҳсулоти ширӣ, ферментшуда ва квас мебошанд. Пребиотикҳо микрофлораи муфидро ғизо медиҳанд, ҳамин тавр ба тақвияти системаи масунияти организм мусоидат мекунанд. Маҳсулоте, ки аз пребиотикҳо бой мебошанд - пиёз, сирпиёз, банан, себ, салатҳои баргӣ ва ғайра.

ЧӢ ҚАДАР БЕ ХОБ ЗИНДАГӢ КАРДАН МУМКИН АСТ?

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки одамон метавонанд ба муддати дароз хоб накунанд, аммо ин ба саломатӣ бо оқибатҳои назарраси манфӣ таҳдид мекунад. дар ин хусус АЗЕРТАҶ бо истинод ба расонаҳои хориҷӣ хабар додааст.



- Китоби рекордҳои Гиннес аз соли 1997 инҷониб рекордҳои марбут ба бедории дарозмуддатро қабул намекунад, зеро норасоии дарозмуддати хоб ба бадани инсон таҳдиди ҷиддӣ дорад. Аммо, ду ҳолат маълум аст, ки одамон тавонистаанд тақрибан 2 ҳафта ё беш аз он бедор монанд,- менависад LiveScience.

Як тасдиқи расмии тӯлонитарин ҳолати бе хоб будани одам вуҷуд дорад, ки ин рекорд соли 1963 гузошта шуда буд. Он вақт сокини 17-солаи Калифорния Рэнди Гарднер давоми 11 рӯзу 25 дақиқа хоб накардааст. Боз як ҳодисаи дигаре ҳаст, ки расман тасдиқ нашудааст, зеро айни замон касе бедории марде бо номи Роберт Макдоналдро назорат накардааст. Мувофиқи маълумоти соли 1986 паҳншуда, ӯ 18 рӯзу қариб 22 соат хоб накардааст.

Айни замон олимон чунин меҳисобанд, ки ба қадри тӯлонӣ хоб нарафтан ба саломатии инсон зарари калон мерасонад. Набудани хоб метавонад хавфи гирифторӣ ба бемориҳо, аз қабили диабет, бемориҳои дилу раг, фарбеҳӣ ва асабониятро зиёд кунад. Олимон чунин меҳисобанд, ки ҳар шахс бояд дар як шабонарӯз аз 6 то 8 соат пайваста хоб кунад.

Мувофиқи гуфтаи Орен Коэн аз маркази тиббии Mount Sinai (шаҳри Ню-Йорки ИМА), баъзе одамон гоҳо метавонанд 24 соат пай дар пай бе хоб гарданд. Аммо чунин вайроншавии назми муқаррарӣ боиси он мегардад, ки шахс баъзан хобро аз воқеият фарқ намекунад. Яъне, майна хоб талаб мекунад ва аз ин рӯ шахс дар фосилаи нозуки байни хоб ва бедорӣ қарор дорад.

Ба гуфтаи Элон Эвиден аз донишгоҳи Калифорнияи Лос Анҷелес, ҳафтаҳо хоб накардан қариб ғайриимкон аст. Ҳатто пас аз 24 соати бедор будан майнаи сар баданро ҳатман маҷбур мекунад, ки хоб равад.

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар касбу кор мушкилоти ҷиддӣ дида намешавад, вале ба ҳар сурат ба маслиҳати ҳамкорон ва наздикон гӯш додан лозим аст. Хоҳиши дӯст доштану азизи дили нафаре будан шуморо тарк намесозад. Рӯзҳои истироҳат харочоти калон мекунед.

Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта ба шитобкорӣ роҳ надиҳед, рафтори беандеша боиси иштибоҳ мегардад. Аз ин лиҳоз, ҳар як сухану ҳар қадами худро бомулоҳиза гузоред. Ҳангоми кор бо нафароне, ки ба тозагӣ шинос мешавед, хеле эҳтиётткор бошед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Вақтҳои охир шумо ба эҳсосот дода шуда, ба садои ақл хеле кам гӯш медодед. Бояд кам будиву ғалатҳои пештар содирнамудаи худро ислоҳ намоед. Вазъи саломатиятон чандон хуб нест, аз ин рӯ, аз корҳои вазнини ҷисмонӣ худдорӣ намоед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ҳодисаву рӯйдодҳое, ки дар ин ҳафта ба амал меоянд, боиси ташвишу изтироб ва хира гаштани табъатон мегарданд. Аксари зодагони бурҷи саратон ба хотири наранҷидани дигарон бар зарари худ амал мекунанд. Дар ҷодаи муҳаббат мушкилиҳои муваққатӣ эҳтимол дорад.

Асад
23.07 - 22.08

Дар ин ҳафта дилатон навигариву рӯйдодҳои тоза мехоҳад. Ба назаратон чунин мерасад, ки зиндагӣ хеле тез мегузараду шумо корҳои зиёди нотамом доред. Ҳарчанд ба қувваи худ боварӣ дошта бошед ҳам, ба кумаки наздикони худ нигарон пайдо мекунед.

Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ин ҳафта бояд сабабҳои сар задани нобариҳои худро дар касбу кор ва ҳаёти шахсӣ муайян намоед. Бурдборӣ ба шарте ҳамсафаратон мегардад, ки ба шитобкорӣ роҳ надиҳед ва бо амалҳои беандеша барои худ мушкилӣ эҷод накунед.

Мизон
25.09 - 22.10

Дар ҳаётатон тағйироти назаррас рух медиҳанд. Бо амри дил амал намуда, тамоми қуввааву маҳорати худро нишон додан лозим аст, вале баъзан ба маслиҳатҳои хуб гӯш андозед. Дар ҷои кор бо роҳбарият баҳс накунед, пушаймон мешавед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Уҳдадориҳо имкон намедиҳанд, ки нафаси осуда кашед. Корҳои зиёдеро, ки ба дӯши худ гирифтед, дар иҷрояшон душворӣ мекашед, вале заифии худро нишон додан намехоҳед. Бо сабаби норасоии вақт мушкилиҳои оддии рӯзгорро ба анҷом расонида наметавонед.

Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафтаи хеле серташвиш аст, нерӯи зиёдеро сарф кардан лозим меояд. Эҳтимол табъатон зуд-зуд тағйир ёфта, аз ҳолати оромӣ ба воҳима меафтед. То охири ҳафта ҳолататон тағйир ёфта, нерӯи тозаро эҳсос мекунед. Дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмиву низоъ сар мезанад.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Пешравӣ дар касбу кор ва бех гаштани вазъи молиявиатон дар назар аст. Бо ҷасуриву истодагарии зотӣ мушкилиҳои ба саратон омадаро рафъ месозед. Баъзеҳо дар вазифа боло мераванд. Ҳамкоронро дар назди роҳбарият ва роҳбариятро дар назди ҳамкорон сиёҳ накунед.

Далв
21.01 - 19.02

Тамоми ҳафта дар маркази рӯйдодҳои зиёд қарор мегиред. Баъзан ба назаратон чунин мерасад, ки вазъиятро идора карда наметавонед, вале ин эҳсос ғалат аст. Одамчаспӣ ва самимият кафили муваффақиятҳои шумо мегардад. Дар оилаи баъзеҳо тавлиди фарзанд дар назар аст.


Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта душвор меояд. Мушкилоти фарзандону наздикон боиси ташвиш ва харочоти калон мегардад. Нисбати дӯстдоштаи худ ғамхории бештар зоҳир намуда, лаҳзаҳои хотирмони ошиқонаро баргузор намоед. Вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад.

АЗАМАТИ АЙНӢ

Бахшида ба 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон

Гиромидошти руҳи абадзиндаи абармарди илму адаб ва фарҳанги тоҷикон дар нимаи аввали садаи бист Садриддин Саидмуродзода Айнӣ (1878-1954) тадбири муҳим дар ростои тақвияти ормонҳои миллӣ, нуфузи ҷаҳоншиносӣ ва амиқрафти худшиносии таърихӣ, арзишҳо ва суннатҳои маънавиву руҳонии гузаштагон аст.



Асоси ҷаҳонбинии Садриддин Айнӣ дониши дерини суннатӣ ва нав мебошад, ки бо такя ба андӯхтаҳои диниву дунявии замон шакл ёфтааст. Аз таҷрибаи азалии ҳаётӣ, илму фанҳои нави замон, равандҳои сиёсиву ичтимоии Бухоро дар охири садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ баҳра ёфта, бо рӯйдодҳои инқилобии кишварҳои шарқиву русӣ ба василаи мутолиаи комили матбуоти туркиву форсӣ ошно шуда, аз пешравони бисёр ҷиддии ҷунбиши озодихоҳи Бухоро - «насли ҷавонбухориён», аз навоварони ашаддии замон дар роҳи таҳкими пояҳои илму дониш ва ҷаҳоншиносии насли нав шинохта шудааст. Ӯ бо аҳли назар, ҳаммаслаку ҳамандешонаш бо фарорафти донишу фаҳмиши нави замон ва таъсиси мактабҳои усули нав ба падид овардани фазои мусоиди илмомӯзиву донишгирӣ, таълифу таснифи силсилаи китобу дастурҳои таълимӣ, тағйири низоми сиёсӣ ва ичтимоиву фарҳангии ҷомеа шароит фароҳам овард.

Устод С. Айнӣ рамзи бедории миллат дар марҳалаи беҳад пурошӯби таърихи миллат, аҳди маорифпарвариву ҷадидӣ ва шуравӣ аст. Бо амали ҷомеасозӣ ва мероси гаронбаҳову ғании адабиву илмӣ ва таърихиву публитсистиаш нуфузи бисёр баланди маънавӣ ёфта, фикраш аз маҷмуи илмҳои динӣ-дунявӣ ва хираду заковати воло пурбор гаштааст.

Устод Айнӣ аз суханварони сермаҳсули арсаи таърихи адабиёти навини тоҷикӣ аст, ки бо осори пурқиммату гуногунҷанбаи худ ба сифати нависандаи баландпояву баландғоя, шоири моҳир, олими фарзона, муаллими ахлоқ, андешаманди ҳамабин, дурбини сиёсат ва ичтимоиёт, донандаи ҳикмат, мантиқ, фалсафа, ҷомеашиносӣ, асосҳои дин, ходими фаъоли матбуот, гузашта аз ин шахсияти ростин дар роҳи нигоҳубини миллати тоҷик, муборизи камназир дар роҳи ҳифзи забони ғаноманди тоҷикӣ (форсӣ), инсони фавқулода табиӣ, фидоӣ, заҳматкаш, ороставу пероста бо тамоми фазилатҳои инсониву ахлоқӣ шинохта шудааст. Ӯ симои беназири инсонӣ дорад ва адибу донишманди ормонист.

Тарҳи зиндагии моддиву маънавии мардуми Бухоро ва Самарқанд дар осори устод Айнӣ бо андешаҳои хеле матин ва сабку салиқаи баланд ҷой ёфтаанд. Ӯ ҳамеша ҳадиси бедории халқи соддаву озодаву покиза ва дар айни замон, зулмчашидаву ҷафокашидаву ранҷдидаро хонда ва ӯ аз беҳтарин ситоишгари сарзиндагиву сарбаландӣ ва боландагии аҳли миллат ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мубрами таърих, замон ва ҷомеа дар осори адабӣ ва мустанади Айнӣ бо тамоми паҳлуҳояшон таҷассум ёфтаанд, ки бо диди хос ва вусъати баланди андеша ба миён омадаанд. Дар меҳвари нигоҳу назарсанҷии адабӣ, таърихӣ, илмӣ, ҳунарӣ ва ичтимоии устод Айнӣ таърихи пуршарафи халқи тоҷик, забон, адабиёт, руҳиёт ва муаммоҳои вежаи ҳастии маънавиву моддии он бозгӯ шудаанд, ки бо раванди бебозгашти худшиносии миллии тоҷикӣ дар Осиёи Миёна сахт печидаанд. Осори ӯ беҳтарин намунаи таҷассуми зинаҳои шакл ёфтани миллати тоҷик дар садаи Х1Х ва ибтидои садаи ХХ, бешак, қомуси зиндаи ҳаёти Бухороянд, ки бо вежагии амиқназарии таърихӣ, ҷомеашиносӣ ва ичтимоъгароӣ тафовут доранд. Баҳрамандӣ аз манобеи дараҷаи аввали таърихӣ, огоҳии амиқназарона аз кутуби арзишманди форсиву арабӣ ва туркӣ ба ин шахсияти аъзами илму адаб имкон дода, ки осораш хусусиёт ва ҷанбаҳои пурвусъату густурдадоман пайдо кунад. Хидмати бекиёси устод Айнӣ ба хонандаи замон дастрасу ошно кардани матолиби душворфаҳми даҳҳо сарчашмаҳои пешинаанд. Ӯ ба анбуҳи китобҳои қадим, ба саҳифаҳои дастнавиштаҳои душворхони гузаштагон, сатрҳои хираи китобҳои куҳна ва фарсуда сар дароварда, бисёр сафҳаҳои нохоно ва ноаниқро бозгуфта, калиди дари ҳикматро барои ҳамзамонон боз кардааст.

Ин вежагии фитрии устод Айниро шахсияти аъзами ҳаммаслаки ӯ Абулқосим Лоҳутӣ дар сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик» бисёр хубу огоҳона бозгӯ кардааст. Ба гуфтаи ӯ Айнӣ «дар утоқи худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае дар даст дошт, ки менавишт. Устод барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳо, ки дар ба дару кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфтаву ба даст оварда, дар натиҷа, заминаи ҳозире барои танқиду таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуд» («Намунаи адабиёти тоҷик», Душанбе, 2010, с. 6).

Талошҳои муассири Айнӣ дар заминаи растагорӣ ва наҷоти миллати тоҷик аз душманони берунӣ дар солҳои 20-уми садаи ХХ дигар нуктаи муҳиме аст, ки ҷунбишҳои равшангарии тоҷикони қаламрави Осиёи Миёнаро такон бахшиданд. Пантуркизм ҷунбиши бузурге барои аз байн бурдани тоҷикон буд ва нуфузи бузурги сиёсӣ дошт. Бо ин ҳама, барои аз ҷафоҳои пантуркизм наҷот бахшидани тоҷикон устод Айнӣ муборизи шуълаваре гашт ва дар рӯёрӯии ин ҷунбиш барои бақои ҳастии миллати тоҷик қарор гирифт. Ӯ даъвои ботили бадхоҳони ғоявии халқи тоҷикро исбот кард, макони азалии будубоши тоҷиконро дар қаламрави Осиёи Миёна муҳр зад, баъдан маънаван ба исбот расонид, ки тоҷикон дар баробари будубоши азалӣ дар ин қаламрави таърих ҳамзамон соҳиби забону адабиёти оламшумуле низ ҳастанд. Дар ҳоле, ки сиёсатгарони замон ифротӣ забони адабии тоҷикиро инкор карданд, посухи устод Айнӣ ба иддаои он, ки ба тоҷикон дар асоси забони кӯча забони адабӣ ба вуҷуд бояд оварда, арзиши зарурӣ касб кард.

Устоди муаззам ва падари раҳнамои миллати тоҷик як умр ба ҳаллу фасли нукоти сиёсӣ-ичтимоӣ, фалсафиву фарҳангӣ, тарбияи маънавӣ ва ахлоқии халқу инсонҳо, бахусус насли наврас талош кард, ки заминаҳои ин талош аз таърихи қадимии ҷунбишҳои ҳастиёбии тоҷикон маншаъ мегирад. Талошҳои равшангарии устод Айнӣ ҳидояте ба бунёди ҷомеаи олии инсонӣ ва сохтмони ҷаҳони маънавӣ аст. Ин нависандаи мумтоз ва донишвари сухантироз ба ҳаллу фасли масъалаҳое иқдом ёфтааст, ки муҳимтарин нуктаҳои замон ва ҷомеаро таҷассум менамояд...

Субҳони АЪЗАМЗОД,
номзади илми филология,
устоди ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров

Мавлудномa

• 13 АПРЕЛ •

Ғуломризо Баҳор (1903-1938), 120-солагии зодрӯзи мутриб, оҳангсоз, коргардони кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Шариф Розиқов (1923-1988), 100-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ.

Ҳоҷимирзо Салбиев (1908-1975), 115-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

• 14 АПРЕЛ •

Муқим Абдураҳмонов (1938-2020), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Абдусалом Мамадназаров (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

Муҳаммадҷон Тоштемиров (1953), 70-солагии зодрӯзи мутриб.

Зафар Раҳмонов (1953), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Анри Корбэн (1903-1978), 120-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи маданияту фалсафаи мардуми форс-тоҷик.

• 15 АПРЕЛ •

Садриддин Айнӣ (1878-1954), 145-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, академики АМИТ.

Ҳайдаралӣ Аюбов (1963), 60-солагии зодрӯзи Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зулфиқори Исмоилиён (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Тӯхтабой Қазоқбоев (1933), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Юсуф Муҳаббатов (1943), 80-солагии зодрӯзи журналист.

Владимир Мякота (1933), 90-солагии зодрӯзи рассоми кино.

Раҳмон Облоқулов (1948-1982), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Мунира Ҳакимова (1958-2020), 65-солагии вафоти наттоқи радио ва ТВ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Тӯтиниссои Юсуфбек (1948), 75-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

• 16 АПРЕЛ •

Адолат Комилова (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Ҷумъа Шамсиддинов (1938), 90-солагии зодрӯзи файласуф-мантиқшинос.

• 17 АПРЕЛ •

Абдуаҳад Қаҳҳоров (1913-1984), 110-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Борис Литвинский (1923-2010), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, академики АМИТ.

• 18 АПРЕЛ •

Бозор Назриев (1938-2013), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Шодӣ Султонов (1918-1977), 105-солагии зодрӯзи кинооператор.

Сангмаҳмад Тиллоев (1958), 65-солагии зодрӯзи меъмор, доктори илми таърих.

Муҳаммадалишоҳ Ҳайдаршо (1928-2014), 95-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Додоҷон Эргашев (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

• 19 АПРЕЛ •

Муинҷон Икромов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Михаил Криштул (1923-1980), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Давлатҷон Муқимов (1948-2010), 75-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Фариза Срумова (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ, 4 дар хона, 13,5 сот. замин, пос. Ҷангалак. Тел:. 91-992-53-35, 917-18-04-40

► Ҳавлӣ, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозу мебел, дарову зиндагӣ кун, ё бо хонаи 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел:. 927-70-23-38

► ИНШООТ

► Иншооти масоҳаташ 141 м.м., қабати 2, таъмир дорад, "Голубой экран", рӯ ба рӯи м/с "Пайкар", 1100 в.ш. барои ҳар м.м. Тел:. 9000-10-703

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Абдулҳақов Азизулло Раҳмоналиевич, ки соли 2017 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ширинова Қурбонгул Манабиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ч. Имомов, хонаи 52а, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Зарифов Аҳлидин Тоҷиддинович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Солихова Давлатмо Маҳмадуллоевна, РЯМ: 3330062047, ки дар нозироти андози н. Ҷ. Балхӣ ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи (сертификат) рақами қайди №0367 ба номи Исломова Малоҳатхон Амрудиновна, санаи хатм 25.06.2021, касб дӯзандагӣ, аз ҷониби КВД "Маркази касбомӯзии шаҳри Душанбе" дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, ки ба хоҷагии деҳқонии фермерии Суюнбек, РМА: 070002861, дар шаҳри Турсунзода аз тарафи Вазорати адлияи ҶТ дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ниёзов Қиёмидин Хайдарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, к. Беҳзод 1, ҳ. 9, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Хамидов Акмалчон Аличонович, РЯМ: 0730194264, РМА: 076433110 аз 04.10.2019, ки дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А106111 ба номи Саидова Моҳтоббиби Ашуралиевна, ки соли 1992 аз ҷониби МТМУ №17-и н. Шаҳринав (собиқ №68) дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 №А138697 ба номи Заватский Эдуард Эдуардович, соли таҳсил 2000-2001, ки аз ҷониби МТМУ №66-и н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Джураев Джумабой Мамадалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. С. Шерозӣ, хонаи 75, ҳ. 163 бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0035539 ба номи Азаматов Абдулло, ки соли 2011 аз ҷониби Литсейи касбии алоқаи ш. Душанбе дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ ба номи Замонов Муҳаммадҷон Ҳусейнович, ки соли 2019 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0177955 ба номи Ачилова Фирӯза Абдусатторовна, ки соли 2006 аз ҷониби МТМУ №90-и н. Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ва шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Одинаев Саттор Ҳабибович, №0385864, РЯМ: 0430270830, РМА: 036041957, санаи судур 06.02.2019, дар Нозироти андози н. Сино ба расмият дароварда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии №011698/2015 ба номи Сайдамиров Муҳамад Сияршоевич, ки соли 2015 аз ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи донишҷӯӣ ба номи Солиҳов Султон Саидович, ки соли 1982 аз ҷониби Донишгоҳи аграрӣ ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадя таҳти феҳристи №1ш-1779 аз 14,02,2018, ба номи Сайдамиров Далшод Саймиртозаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, 16-ум гузаргоҳ, к. Қаҳҳоров, хонаи 45/1, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, реестри №1744 аз 28.03.2006 ба номи шаҳрванд Хафизов Мансур Каримбердиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 78/1, ҳ. 17, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Диплом ба номи Мирзоев Фазлитдин Аслидинович, ки санаи 30.05.1966 аз ҷониби Университети давлатии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Диплом ба номи Гадоев Шарофиддин Хучмирович, ки соли 1989, факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ А00222256 ба номи Амиршоева Фируза Абдусатторовна, ки санаи 23.06.2015 аз ҷониби ШВҚД н. И. Сомонӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0406667 ба номи Низомов Фаррух Вохидович, ки санаи 25.06.2019 аз ҷониби МТМУ №40-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Садикова Нарчан, РЯМ: 0730073126, РМА: 075349306, ки санаи 24.02.2013 аз Нозироти андози ш. Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши бино ва иншоот таҳти феҳрасти 9Ш-611, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино санаи 03.05.2017 ба номи Ҳазратқулов Туйчибек Хожиевич таҳти Литери 1-3/к воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Арбобхотун тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-213, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ аз 12.02.2015 ба номи Бабаева Дилафруз Бобомуродовна бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Турдиева 15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш- 597, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ санаи 17.04.2003 ба номи Шарипова Файзигул Грезовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Шодӣ, хонаи рақами 2 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" САҲИФАБАНДИ КАСБИРО БА КОР ДАЪВАТ МЕКУНАД. ТАЛАБОТ:

-малакаи хуби кор бо барномаҳои компютерӣ;
-масъулиятшинос дар фаъолият;
-муошират хуб бо кормандон;
Бартариятҳои дигар ба назар гирифта мешаванд.
Резюмеи худро ба tojikiston@pressa.tj фиристед.

Телефон:933507020

► Муҳри ҶДММ "Куруши Кабир 2016" бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад. Тел:. 908-44-24-61

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А №0084919 аз 7-уми ноябри соли 2017, ба номи хоҷагии деҳқонии (фермерӣ) "Наҷибулло", н. Ҷ. Балхӣ, ҷамоати деҳоти Навобод, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► Кооперативи тиҷоратии "Соҳиб С", РЯМ: 3310203116, РМА: 330002669, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Наврӯз 1993", РЯМ: 0710004149, РМА: 070009057, дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Тамоми арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ “Шуҳрат Сохтмон”, РЯМ: 0710010272, РМА: 070017223, дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Тамоми арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Сармояи ҶСП "Куҳбол", РМА: 040028609, РЯМ: 0410001075 дар ҳаҷми 9093000 сомонӣ кам карда шуда, маблағи умумӣ аз 12990000 ба 3897000 расонида шавад.

Судоку

	4	8		6	5			9
7								
					4	1		
2		5	1		6			
			5				6	
	9		3	2				
6	7		8		1		9	
	3	4			7			2
							8	

	2			7				
			9			4		
5		9						
	6				5			
3							4	
		1	6			9		7
9	5				6	1		
2			8				7	
	4		3	5	2			

Фарқиятро ёбед




Лабиринт



Сканворд

Шаҳр дар вилояти Калининград Русия
навҳа дар мусибате
Қалам-фури ҳиндӣ
Забт-гари Сибир
Олати физиии барои сумми ҳайвон
Афзори асп, зинлаҷом
Васила, чора, сабаб
Иттиҳоди бузурги қувваҳои ҳарбӣ
Роҳбалади хазинаи бонкӣ
Шаҳр дар Эстония
Пойтахти давлати исломӣе, ки дар ҷумҳуриамон сафоратхона дорад
Давлат дар ҷанубӣ ғарбӣ Африқо
Шаҳр дар Молдова
Роҳиби буддоӣ
Номи қадимии Рим
Ҷамъи амирон
Модаи тарканда
... Бисмарк, ихтироъкори олмонӣ
Шаҳр дар Италия
Дорбоз
Шодмонӣ, шодӣ
Қоида, расм, одатавлу қарор
Боғи миллии Ҷопон
Хоҷа, бузург
Дарё дар Албания
Давлат дар Аврупо
Сабо, боди форам
... Новикова, артисти ширинкор
Тақсимоти рӯи ҷадвал
Пастӣ, нокасӣ
Ватани Гитлер
Квартети машҳури шведӣ
Аён, ошкоро, возеҳ
Дандонаи калид
Олиҳаи зебоӣ, ишқу муҳаббат
Ҳавас, хоҳиш, майл.
Сӯзандору ба забони русӣ
Гармои тобистон
F - унсури кимиёвӣ
Ба воя расидани инсон
Йошкар ... шаҳр дар Русия
Тамғаи хокаи либосшӯӣ
Асбоби таҳлил
Олимон



Шиша барои се кас

Аз баҳси оилавӣ:

- Камтар нӯшӣ намешавад, шарм намедорӣ, охир?

- Зиёд нанӯшидам, занакчон, ба Худо, як шиша барои се кас харидам.

- Пас, чаро дар поят рост намеистӣ?

- Вай ду нафар наоянд, айби ман чӣ?

Зани бегона

Марде дар бозор аз зане хоҳиш мекунад:

- Хонум, мумкин аст, ду дақиқа суҳбат мекардем?

Зан ҳайрон шуда:

- Бо ман? Тинҷист охир?

Мард забон хоида:

- Занамро гум кардам, вақте бо зани бегона гап мезанам, дарҳол пайдо мешавад.

Зукоми хук

Бемор аз духтур мепурсад:

- Рафиқ духтур, лутфан мегуфтед, ки ман гирифтори кадом навъи зуком шудаам: мурғ ё хук?

- Албатта, хук.

- Чӣ гуна инро бо як дидан муайян ва хулоса кардед?

- Агар хук намебудед, дар соати чори шаб бо ҳарорати 36,5 С ёрии таъҷилиро



даъват намекардед.

Қудрати дониш

Аз суҳбати бемор бо табиб:

- Духтурҷон, тибқи хулосаи шумо ман бояд 10 сол пеш мемурдам. Чӣ тавре мебинед, зиндаву саломатам, инро чӣ хел шарҳ медиҳед?

- Медонед, дӯстам, вақте инсон барои зинда мондан хира шуда пофишорӣ мекунад, дониши мо қудрати куштани ӯро надорад.

Содда

Дар беморхона:

- Духтурҷон, ҳамин ҷарроҳии қиммат воқеан зарур аст?

- Албатта зарур, бе ин на дар Варзоб дам гирифта мешаваду на дар Сафеддара лижа ронда.

- Духтурҷон, ба ман на Варзоб даркору на лижаронӣ.

- Эй содда, гап дар бораи ту намеравад охир,- мегӯяд табиб.

Ҷумлаи саволӣ

Марде ғазаболуд якбора мушт болои миз зада, нидо мекунад:

- Кӣ зурӣ хона?

Зани бечора ҳам, ки аз афташ аз бекоргардии ӯ ҷонаш ба лаб омада буд, кафлезро баланд бардошта, дар фарқи сараш мефурорад.

Баъди ба хуш омадан, мард алам мекунад:

- Занак, кори хуб накардӣ, одами бегуноҳро қариб бикушӣ.

- Чӣ хел бегунох, чиба худата зӯри хона мегирӣ?

- Занак, ман худама зӯр нагуфтам, агар аҳамият медодӣ, ҳамон ҷумлаи ман аломати савол надошт.

Пушту паноҳ

Ба сари нафаре мезананд, «вой пуштам!» гуфта гиря мекунад.

- Охир, мо ба сари ту задем, чаро пуштам гуфта гиря мекунӣ?,- мепуранд аз ӯ.

- Агар пушту паноҳе медоштам, ба сари ман зада наметавонистед,- ҷавоб медиҳад ӯ.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Сабақи шаробнӯшӣ аз шоир Гулназар

Дар оши наҳоре бо Гулназар Келдӣ ва Сайидалӣ Маъмур (ёдашон гиромӣ бод) дар атрофи як миз нишастем. Устод Гулназар шишаи шаробро ба ман нишон дода, гуфтанд:

- Шароб нӯшида метавонӣ?

Гуфтам:

- На.

- Ақаллан рехта метавонӣ?

- Бале.

- Пас бирез.

Ман зуд шаробро ба пиёлаҳо рехтаму назди он кас ва чанд нафари дигар гузоштам.

Гуфтанд:

- Ба худат ҳам бирез!

- Устод,- гуфтам,- ман нӯшида наметавонам.

- Бирез,- гуфтанд бо табассум,- ҳозир ёд медихем.

Ба худ ҳам рехтам. Ҳама нӯшиданду ман ҳам «ноилоҷ» нӯшидам. Дигарон зуд аз болояш помидор ё чакка хӯрда, ба қавле газак карданд. Ман бошам, аз болояш чизе нахӯрдам. Устод Гулназар гуфтанд:

- Ту газак намекунӣ?

- Не устод,- гуфтам,- ҳоло ёд нагирифтаам.

- Ин тавр бошад, як бори дигар бирез, то газаккуниро ҳам ёд диҳем,- гуфта хандиданд.

Ҳамин тавр, ман шаробнӯшӣ ва газаккуниро ёд гирифтам.

Ман туро барои ғамдиҳӣ гирифтам?

Дар даврае нишаста будем, ки ҳамсари як рафиқам занг зад:

- Зуд ба хона биё, ки корҳо нотамом монданд, ман дар танҳоӣ аз ухдааш намебароям.

Ӯ гуфт:

- Илтимос, маро ғам нате, худат ягон илоҷ кун.

Зан:

- Агар туро ғам надиҳам, пас киро ғам диҳам? Ҳамсояро?

Ҳамроҳамон ба ғазаб омада бошад ҳам, хандакунон гуфт:

- Чӣ, ман туро барои ғамдиҳӣ гирифтам?

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА